آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

3 декабри соли 2022 Шанбе № 97 (14901)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МУРОҶИАТ БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Ҳоло дар мамлакатамон ҳимояи шараф ва эҳтироми инсон, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии он чун самти бартаринои сиёсати давлат муайян гаштааст. Ҳамзамон ба зуҳури эътибор ва ғамхорӣ барои шаҳрвандоне, ки ногиро ҳастанд ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо аҳамияти алоҳида дода мешавад.

Бояд таъкид кард, ки ҳамаи ин кӯшишамон аз ғояҳои инсонпарварӣ лаброз буда, ба мақсад ва вазифаҳои **Рӯзи байналхалқии ногиро**ҳо – 3 декабр мувофиқ аст.

Дар ин рӯз, ки дар мамлакат, мисли дигар давлатҳои ҷаҳон, васеъ қайд мегардад, ман эҳтироми амиқ ва накутарин таманноҳои худро ба **қариб 1 миллион** шаҳрвандонамон, ки имконияташон маҳдуд мебошад, баён менамоям.

Тавре ки маълум аст, дар Ӯзбекистон аз ҷониби ҷамъият ва давлат чорабиниҳои вусъатбахш доир ба мадади ногузир ба шахсони ногиро, фаъолона ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ба амал татбиқ мегардад. Ҳоло ҳозир чандин ниҳод босамар кор мекунад, аз он ҷумла Ҷамъияти ногироҳои Ӯзбекистон, Ассотсиатсияи ногироҳо, Ҷамъияти нобиноён, Ҷамъияти ношунавоҳо, ки ба дастгирии чунин одамон ихтисос ёфтаанд.

Аз ҳама муҳимаш, ҳеҷ кадоме аз ҳамватанонамон, ки бо амри тақдир ногиро гаштаанд, беэътибор ва ғамхории халқамон, мақомоти давлатӣ намемонанд. Ба туфайли меҳнат ва иқтидори худ онҳо дар ҷамъият ҷойгоҳи муносиб доранд, ирода, истодагарӣ ва сифатҳои беҳтарини инсониашон барои бисёриҳо намунаи ибрат аст.

Мо кӯшиши бошарафи шуморо олӣ арзёбӣ мекунем ва барои ҳамаатон барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва иқтисодии мамлакат миннатдории амиқ изҳор мекунем.

Дӯстони азиз!

Дар солҳои охир дар Ӯзбекистон бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони ногиро, ки қисми ҷудонопазири ҷамъиятамон ба шумор мераванд, беҳсозии шароити меҳнат ва ҳаёташон чандин қонун, беш аз 25 ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқӣ қабул гардида, пойгоҳи мустаҳками қонунгузорӣ ташаккул ёфтааст. Ин имкон дод, ки барои аз ҷониби чунин тоифаи аҳолӣ дарёфт намудани ҳидмати тиббиву иҷтимоӣ, донишандӯзӣ, бо фаъолияти меҳнатӣ машғул гардидан, татбиқи иқтидор ва потенсиал, дастрасӣ ба ҳидматрасонии тиббии баландмалака, хуллас барои он ки онҳо худро аъзои комилҳуқуқи ҷамъиятамон эҳсос намоянд, шароити боз ҳам муносибро ба вуҷуд овард.

Имрӯз низ, ба тамоми халқамон муроҷиат намуда, шумо, ҳамватанони азизро, даъват менамоям, ки кори оғознамудаи моро дар самти мазкур фаъолтар намоед. Бо ин мақсадҳо мо дар бобати ба вуҷуд овардани ҷамъияти инклюзив тамоми чорабиниҳои мачмӯиро меандешем, ки дар он тамоми шаҳрвандон, аз он ҷумла ногироҳо имконоти баробарро молик мегарданд. Мо дар назди худ вазифаи муҳимро гузоштаем, ки дар асоси он зина ба зина аз **усули** куҳнашудаи **тиббии** муқаррар намудани ногиро ба **усули иҷтимоии** эътирофнамудаи ҳамагон гузарем.

Аз ин пас ҳангоми сохтмон, таъмири бино ва иншоот, истеҳсоли воситаи нақлиёти ҷамъиятӣ, иттилоот ва алоқа пеш аз ҳама ба дастёбии бидуни мамониат ба онҳо ва имконоти истифодаи шахсони ногиро аҳамият дода мешавад.

Дар бобати ду баробар афзудани фарогирии шахсони ногиро аз ҷониби марказҳои реабилитатсионӣ ва протезкунӣ корҳо иҷро гардида, қариб даҳто чунин марказ дар ҳудудҳо васеъ гардонда шуда, бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ ва реабилитатсионӣ таъмин хоҳанд гардид.

Меҳоҳам бовар кунонам, ки мо тамоми қувва ва имконотро сафарбар месозем, то ки шаҳрвандони ногирои мо худро танҳо эҳсос накарда, дониш ва касби ногузирро аз худ кунанд, дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт боз ҳам бештар фаъолият зоҳир намоянд, бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш машғул гарданд, ба санъат ручӯъ кунанд.

Аз фурсат истифода намуда, барои ҳамаатон саломатӣ, сулҳ, бахт ва фараҳмандӣ орзу менамоям.

Бо эҳтироми амиқ,

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти чорабиниҳое, ки ба рушди иқтисодиёти «сабз» нигаронда шудааст, шинос гардид.

ЧОРАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ «САБЗ» МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

Ҳоло ҳозир дар ҷаҳон ҳарчи бо шиддат мушкилоти энергетикӣ ва экологӣ эҳсос мегардад. Бинобар ин дар мамлакатамон неругоҳҳои барқии офтобӣ ва шамолии зиёд сохта шуда, технологияи сарфакунандаи энергия дар соҳаи иқтисодиёт ба амал татбиқ мегардад.

Бо мақсади муттасил идома додани ин кор дар барномаи давлатии татбиқи Стратегияи рушд дар соли 2022 таҳияи барнома оид ба гузаштан ба иқтисодиёти «сабз» ва сарфакунандаи энергия дар соҳаҳои саноатӣ пешбинӣ гаштааст.

Таъкид шуд, ки ин ҳуҷҷат консепсияи гузаштанро ба иқтисодиёти «сабз» ва таъмини самаранокии энергия дар соҳаҳои саноатӣ бо тасдиқи нишондодҳои мақсадноки коҳиши харҷи захираҳои гарминву энергетикӣ дар 25 корхонаи муҳими стратегӣ муайян менамояд.

Аз ҳисоби ин дар соҳаҳои саноат солҳои 2022-2026 сарфа намудани 3,9 миллиард метри мукааб гази табиӣ, 4 миллиард киловатт-соат электроэнергия ва 21 ҳазор тонна маҳсулоти нафт ва нақша гирифта шудааст. Дар натиҷа кам кардани саҳми харҷи энергия дар арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда ба миқдори 20 фоиз пешбинӣ мегардад.

Аз 1 июни соли 2023 низоми «сертификатҳои сабз» татбиқ мегардад, ки маҳсулоти бо истифода аз энергия ва технологияи тозаи экологӣ истеҳсолшударо собит менамояд.

Бо ин мақсад танзими партови гази зарарнок марҳала ба марҳала татбиқ мегардад. Ҳамзамон чорабиниҳои дастгирии давлатии кор оид ба кам кардани зарар ба табиат андешида мешавад.

Инчунин пурра татбиқ намудани принсипи «ифлоскунанда мепардозад», васеъ намудани номгӯйи моддаҳои ифлоскунанда ва баланд бардоштани ставкаи пардохт барои партови чунин моддаҳо зиёд карда мешавад.

Ба пурзӯр намудани тадқиқотҳои илмӣ оид ба иқтисодиёти «сабз» ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Барои баҳогузории доимии иҷрои чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷат нишон дода шудааст, гурӯҳ ташкил карда мешавад. Ба он роҳбарони 15 ташкилот ва институтҳои молиявии байналхалқӣ дохил мегардад.

Роҳбари давлат ин пешниҳодотро дастгирӣ намуд ва дар бобати баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ва коҳиши харҷи энергия зимни истеҳсоли маҳсулот дар ҳар як соҳа суporишҳо дод.

ЎзА.

Шарлотта АДРИАН:

ИТТИҲОДИ АВРУПО АЗ РУШДИ МИНБАЪДА ВА АМИҚСОЗИИ ҲАМКОРӢ БО ЎЗБЕКИСТОН МАНФИАТДОР АСТ

Бинобар натиҷаи воҳӯриҳо дар Вазорати корҳои хориҷӣ, ки дар он масъалаҳои рушди минбаъда ва амиқсозии ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ шудаанд, роҳбари ҳайати Иттиҳоди Аврупо, сафир Шарлотта Адриан ба саволҳои хабарнигори АИ «Дунё» посух дод.

– Мо дар воҳӯриҳо масъалаҳои рушди дипломатияи иқтисодӣ ва мубодилаҳои байни Иттиҳоди Аврупо ва Ӯзбекистонро баррасӣ намудем. Мубодилаи муфиди афкор ба амал омад. Яке аз масъалаҳои муҳими ҳамкории тарафайни мо кор дар доираи Низоми генералии сабукиҳои «GSP+» мебошад, ки моҳи апрели соли гузашта барои Ӯзбекистон пешниҳод шуда буданд.

Кор пеш меравад ва фаъолона татбиқ мегардад, вале баробари ин мо ният дорем барои он саъй кунем, ки имкониятҳои «GSP+»-ро барои рушди минбаъдаи савдои байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо, зиёд кардани содироти молҳои ӯзбекистонӣ дар Аврупо беш аз пеш истифода бубарем. Ин кор нафақат бинобар зиёд кардани ҳаҷм, балки ҳамчунин вусъат додани номгӯйи молҳои содиршаванда бурда мешавад. Масъалаи мазкур ҳоли ҳозир бағоят муҳим аст.

Бешубҳа, дар ҷараёни воҳӯриҳо мо ҳамчунин пешомадҳои ҳамкориҳоямонро, ки вобаста ба натиҷаи конфронси аввалини «Иртиботи тарафайни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: дарвозаи умумӣ барои рушди устувор», ки 18 ноябр дар Самарқанд баргузор шуд, дар соҳаҳои иртиботи тарафайни нақлиётӣ, рушди инфрасохтори транзитӣ, рақамикунонӣ, энергетика ва ғайра боз мегарданд, баррасӣ кардем. Масъала барои мо аз он иборат аст, ки чӣ тарз метавонем муносибатҳои байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва албатта Ӯзбекистонро амиқтар намоем.

Боз як масъалае, ки дар конфронси Самарқанд баррасӣ гардид, аз пурзӯр намудани ҳамкориҳои байниминтақавӣ иборат буд. Муҳим аст таъкид кунем, ки дар ин бобат корхонаҳои нави муштарак ташкил шудаанд. Иттиҳоди Аврупо саъю кӯшиши кишварҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла Ӯзбекистонро бинобар трансформатсияи рақамӣ, минбаъд беҳтар кардани муҳити тиҷоратӣ, рушди корхонаҳои кӯчак ва миёна, ки ҳам барои пешрафти иқтисодӣ ва ҳам барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ муҳим мебошанд, дастгирӣ менамояд.

АИ «Дунё».

Тӯли се рӯз павилёнҳои маҷмааи миллии намоишгоҳҳои “UzExpoCenter” Ярмаркаи 27-уми байналмилалии сайёҳии Тошканд таҳти унвони “Туризм дар Роҳи бузурги абрешим”-ро мизбонӣ намуд. Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ, Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази миллии PR” ва ширкати намоишгоҳи SAYS ба ҳайси таъсисгарони он муаррифӣ шуданд.

САЛОҲИЯТИ ТУРИСТИИ ЎЗБЕКИСТОН СОЛ АЗ СОЛ МЕАФЗОЯД,

— мегӯянд иштирокчиёни Ярмаркаи байналмилалии туризми Тошканд

Дар ярмарка намояндагони бахшҳои туристии 30 кишвари ҷаҳон ширкат намуд.

Вазири туризм ва мероси фарҳангии Ӯзбекистон Азиз Абдуҳакимов онро бо сухани муқаддимавӣ ҳусни ифтитоҳ бахшид.

– Бо ифтихор метавон гуфт, ки Ӯзбекистон имрӯз дар маркази таваҷҷӯҳи тамоми ҷаҳон қарор дорад. Интизор меравад, ки тирамоҳи соли 2023 иҷлосияи 25-уми Ассамблеяи Генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳии СММ нахустин бор дар таърихи UNWTO баргузор шавад. Соли гузашта дар чаҳорчӯби иҷлосияи 24-умин дар Испания тасмим гирифта шуд, ки маросими ҷашни ин чорабинӣ дар Самарқанд баргузор шавад, – гуфт Абдуҳакимов.

Вай афзуд, ки иҷлосияи солонаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар Самарқанди бостон беш аз ҳазор нафар меҳмонони хориҷиро ба худ ҷалб хоҳад кард ва он ба рушди иқтисоди миллии мо дар баробари афзоиши даромади мардуми маҳаллӣ таъсири мусбат хоҳад расонд.

– Ҳамаи дастовардҳои мо аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ӯзбекистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ торафт бештар эътироф мегардад, ҳамзамон кишвари мо мавқеи худро дар Роҳи бузурги абрешим беш аз пеш мустаҳкам мекунад, – гуфт Абдуҳакимов.

Дар давоми се рӯз дар чаҳорчӯби ярмарка баргузории форуму ҷаласаҳо, дарсҳои маҳорат, намоишгоҳҳо бо иштироки мутахассисони соҳа, инчунин намоиши муд бо иштироки дизайнерҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ва амсоли он аз ҳодисаҳое муаррифӣ шуд, ки гуфта мешавад, дар таърихи Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Тошканд бори аввал сурат гирифт.

Ғайр аз он ки дар павилёнҳои 1 ва 2-юм иштирокчиёну меҳмонони ярмарка бо салоҳияти сайёҳии шаҳру вилоятҳои Ӯзбекистон ошно шуданд, инчунин аз намоишгоҳи маҳсулоти ҳунармандон дар павилёни 3-юм боздид карданд. Дар он ҳунармандони 10 кишвари хориҷӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистон, Покистон, Русия ва Ҳиндустон бо маҳсулоти худ ширкат карданд. Инчунин фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ дар беш аз 20 самт, аз қабили гулдӯзӣ, кулолӣ, мисгарӣ, чӯбкорӣ, қолинбофӣ, матоъи миллӣ, миниётура ва ғайра ташкил карда шуд. Дар саҳни ҳавлии павилён дарси маҳорати хӯрокпазӣ низ баргузор гардид, ки боиси таваҷҷӯҳи зиёди иштирокчиён қарор гирифт.

Ҷойи ёдоварист, ки дар айни ҳол рӯйихати шаҳрҳо ва ташкилотҳои сайёҳии хориҷии барои созмон додани Ярмаркаи байналмилалии сайёҳии Тошканд аз наздик ҳамкоринамуда беш аз пеш рӯ ба афзоиш овардааст. Аз ҷумла, ҷониби Ӯзбекистон бо шаҳрдории Санкт-Петербург ба тавофуқ расидааст, ки ин шаҳр ба ҳайси пойтахти шимолии Русия дар таъсиси 27-умин Ярмаркаи байналмилалии сайёҳии Тошканд ширкат намояд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

3-юми декабр – Рӯзи байналмилалии ногироҳо

КИ ДАР ПИРӢ БИДОНӢ ҚАДРИ ПИРӢ...

Беш аз 50 сол аст, ки кормандони Хона-интернати «Саховат»-и пиронсолон ва ногироёни Самарқанд ҳамчун наҷотбахши мӯҳтоҷон ва парастори пиронсолон хизмати шоиста мекунанд.
Вақте мо ба назди дарвозаи хона-интернати мазкур омадем, ду мошини боркаш, ки дару тирезаҳои нави замонавӣ оварда буд, дуртар аз мо қарор гирифт. Посбон ба директор занг заду аз мо ва бинокорон хабар дод. Дере нагузашта директори хона-интернат – зани болоқад, кушодачеҳра Сурайё Ҷаводова, ки дар тан хилъати сафед дошт, ҳозир шуд ва масолеҳи сохтмонро қабул кард. Сипас, сабаби ташрифи моро фаҳмида, бо табассуми малеҳ гуфт: – Чанде пеш бинои наву зебои сеошёнаи дорои 50 кати хобро сохта, ба истифода супоридем. Акнун навбат ба таъмири хушсифати бинои кӯҳна расид, ки соли 1969 қад афрохта буд.

Ваъда додӣ, вафо кун...

Се сол қабл Ҷаводова дар Садорати ҳифзи тандурустӣ кор мекард. Нобаҳангом ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов Сурайёро назди худ хонд ва гуфт, ки пас аз шикоятҳо бо фаъолияти хона-интернати «Саховат»-и пиронсолон ва ногироёни Самарқанд шинос шудааст. “Дар ҳақиқат, шароити зисти онҳо беҳбудиро металабад. Мо машварат оросто, ба вазифаи сарвари хона-интернат номзадиси шуморо муносиб донистем, – гуфт ҳоким. – Дасти одамизод гул аст. “Кори як зан, беҳ аз сад марди лофзан”, гуфтаанд. Боварӣ дорам, ки шумо барои ин мардуми мӯҳтоҷи меҳру шафқат шароити хуб фароҳам намуда, дуои онҳоро мегиред. Дар ҳалли муаммоҳое, ки пеш меоянд, мо албатта ёрӣ мерасонем”.

Сурайё Ҷаводова корро аз таҳияи лоиҳаи бунёди бинои замонавӣ барои пиронсолон сар карда, бастаи ҳуҷҷатҳо дар даст назди ҳоким омаду мақсад ва нақшаҳои худро гуфт. Ҳоким дар ин масъала ташаббуси сарвари хона-интернатро дастгирӣ кард ва хушбахтона баъди як сол тантанаҳои бӯрёкӯбӣ баргузор гардид, ки дар он ҳокими вилоят низ иштирок карда, ташаббуси хайри Сурайё Ҷаводоваро эътироф намуд.

Бирав дилеро дарёб!

Ҳоло дар хона-интернати «Саховат» 150 нафар пиронсолону ногироҳо дар шароити хуб бо шукргузорӣ ба сар мебаранд. Дар хонаҳои хушҳаво барои зисту зиндагонии онҳо шароити зарурӣ фароҳам буда, табибону ҳамшираҳои шафқат ва хизматчиёни беминнат ҳамеша аз ҳолу аҳволи онҳо хабардоранд.

– Шароити зисти мо аз шароити меҳмонхонаҳои Самарқанд кам нест, – гуфт пирамарди корейстабор Канбобо. – Фазои тинчу осуда пойдор аст. Шифокорон доим аз ҳоли мо хабар мегиранд. Ҳар ҳафта як маротиба рахти хоб иваз шуда, фаррошон хонаҳоро тозаву озода нигоҳ медоранд.

– Шароит мачбур кард ва бо амри тақдир ба ин ҷо омадем, – ашк дар чашм гуфт пирамарди дигаре, ки номи худро гуфтан нахост. – Бовар кунед, парасторону кормандони ин ҷо аз баъзе фарзандони худписанду бепарво беҳтару хубтаранд. Меҳоҳам барои ин ҳама шароити хуб ба маъмурият миннатдорӣ изҳор кунам.

Воқеан, дар хона-интернат барои ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шудани бошандагон толори саломатӣ амал мекунад, ки бо асбобу ускунаҳои гуногуни варзишӣ, аз ҷумла, теннисӣ рӯйимизӣ, шоҳмоту шашка, тӯб ва ғайра таҷҳизонида шудааст.

Китобхонаи хона-интернат низ ҷойи дӯстдоштаи пиронсолон мебошад, ки дар ҷевонҳо китобҳо ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, ва ғайра гузошта шудаанд.

– Дар китобхона ғайр аз асарҳои шавқовар, бастаи рӯзномаҳои «Овози Самарқанд», «Янги Ӯзбекистон», «Халқ сӯзи», «Зарафшон», «Самаркандский вестник» ва мачаллаҳои гуногун ҳаст, – гуфт мудири китобхона Зулфияхонум. – Ҳатто барои шахсони чашмашон оҷиз бо алифбои «Брайл» китобҳо дорем. Гоҳ-гоҳ шоиру нависандагон омада, вохӯрӣ мегузаронанд.

Як гӯшаи китобхонаро ҳайкалу лӯхтакчаҳо, матоъи гулдӯзӣ, бозичаҳои бачагон зеб медоданд, ки бо дасти пурэҷозати пиронсолону ногироҳои ҳунарманд офарида шудаанд.

Аз нек – боғ

– Дар ин ҷо пиронсолони табиатдӯст бисёранд, – гуфт роҳбалади мо Сурайё Носируллоевна ва моро ҷониби боғи сарсабз бурда, илова кард:

– Ин себзору гулгашт бо дастони табарруки мӯйсафедони нуронӣ бунёд шудааст. Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» 450 бех ниҳоли меванок ва манзаравӣ, инчунин 370 бех гулбуттаи бисёрсола шиндем. Хона-интернат қариб се гектар замин дорад ва деҳқонону боғбонони соҳибтаҷриба барои ободу гулпӯш будани боғҳо масъуланд. Бузургон гуфтаанд, ки аз нек – боғ. Ҳосили дарахтон низ пеш аз ҳама ба пирону ногироҳо пешкаш карда мешавад.

Сифати неки инсонӣ

– Хона-интернат беҳуда «Саховат» номгузорӣ нашудааст, – бо табассум гуфт директор Сурайё Носируллоевна. – Мардуми ҳимматбаланди Самарқанд ба мақоли «инсон – бандаи эҳсон» амал карда, дар арафаи иди байналмилалии Наврӯз, ҷашни Соли нав, Рӯзи байналмилалии ногироҳо ва дигар санаҳои муҳим аз ҳоли пиронсолон хабар гирифта, барои онҳо дастархони идона меорояд. Хӯрокворихо меоранд. Ғайр аз ин, дар иду ҷашнвораҳо санъаткорон омада, бо суруду навои дилошӯб табъи ҳозиринро болида месозанд.

Мо дар ин ҷо бо пиразани куҳансолтарини маскан Олга Николаевна Матвеева шинос шудем, ки синнаш ба сад дакка меҳӯрад. Бо вуҷуди солхӯрдагӣ, хушҳолу болидарӯҳ аст.

Дар хона-интернат писронсолоне низ буданд, ки дар ин маскан оила барпо кардаанд. Тӯроббобои 77-сола ва Тансахолаи 80-сола аз ин ҷумлаанд, ки дар хона-интернат бахту тахт ёфтаанд ва меҳрубони ҳамдигаранд. Масъулон гуфтанд, ки ба муносибати никоҳи «дилдодагон» базми хоса ташкил кардаанд ва имрӯзҳо онҳо доим боҳаманд. Ҳамроҳ ба ошхона мераванд, рӯйи ҳавлӣ сайру гашт мекунанд.

– Ҳамкорӣ ва нигоҳубини пиронсолон доим зери эътибори ҳукумат қарор дорад, – гуфт Сурайё Ҷаводова. – Ба масъалаи таъминоти моддии онҳо низ эътибор дода мешавад. Гурӯҳе аз онҳо дар бонкҳо суратҳисоби худро доранд ва маблағашонро пасандоз мекунанд. Аксар пиронсолон маблағи дасташонро барои ширинӣ ё сару либоси дилнишини хеш сарф мекунанд.

Ҳоло дар «Саховат» аз вилоятҳои Ҷиззах, Қашқадарё, Бухоро, Хоразм ва ҳатто Тошканд пиронсолону ногироён истиқомат мекунанд. Ҳар гоҳ бо онҳо суҳбат кунам, дарди дилашонро шунавам, мисраҳои шоир ба ёдам мерасад:

Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ.

Собири БУРҲОН,
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти САМАРҚАНД.

2 декабр дар шаҳри Самарқанд ҷамъомади 3-юми Комиссияи муштарак дар дараҷаи роҳбарони ҳукуматҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Федератсияи Русия баргузор гардид.

ВОХЎРИИ РОҲБАРОНИ ҲУКУМАТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ

Дар вохўрӣ, ки зери раисии Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулло Арипов ва Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Михаил Мишустин баргузор гардид, ҳолати ҷорӣ ва истиқболи шарикии стратегӣ ва ҳамкории тарафайни байни мамлакатҳоямон муҳокима гардиданд.

Таъкид шуд, ки 15 сентябр Президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Владимир Путин Декларатсияро дар бораи шарикии стратегии фарогир байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Федератсияи Русия имзо намуданд. Дар назди ҳукуматҳо вазифаи аз ҳар ҷиҳат инкишоф додани ҳамкории амалӣ дар соҳаҳои мухталиф гузошта шудааст.

Дар мулоқот нақшаҳои таъмини татбиқи лоиҳаҳои истиқболноки сармоягузорӣ ва шартномаҳои тиҷоратӣ, амиқсозии ҳамкории маданиву гуманитарӣ ҳамоҳанг карда шуданд.

Дар панҷ соли охир дар Ўзбекистон теъдоди корхонаҳо бо иштироки сармояи Русия 3 баробар афзуда, қариб ба 3 ҳазор расид. Фақат соли ҷорӣ 700 корхона ба вуҷуд оварда шуд. Дар Русия қариб ҳазор корхона бо иштироки сармояи Ўзбекистон фаъолият дорад. Дар байни мамлакатҳоямон кооператсияи саноатӣ дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, саноати нассоҷӣ ва озуқаворӣ, дорусозӣ, электротехникӣ ва мошинсозӣ инкишоф меёбад.

Ҷонибҳо манфиатдориро дар вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва транзит изҳор намуданд. Бо қаноатмандӣ таъкид шуд, ки соли ҷорӣ ҳаҷми боркашонӣ 21 фоиз, ҳаҷми боркашонии транзит 25 фоиз афзуд. Ҳамзамон ногузирии идома додани ҳамкорӣ дар бобати ташаккул додани ҳалқаҳои боварибахши нақлиётиву логистикӣ зимни боркашонии транзит аз тариқи ҳудудҳо таъкид шуд.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои таълим, илм ва маданият инчунин яке аз самтҳои муҳими муносибати дуҷониба мебошад. Дар Ўзбекистон филиали 14 муассисаи таълими олии Русия фаъолият дорад.

Дар поёни мулоқот беш аз 10 ҳуҷҷат имзо гардид, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкории тарафайн нигаронда шудааст.

Дар доираи ҷамъомади муштарак 1-2 декабр дар Самарқанд бизнес-форуми Ўзбекистону Русия ба вуқўъ пайваст. Дар он роҳбарони вазорат ва идораҳо, минтақаҳо, иттиҳодия ва ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва инчунин вакилони беш аз 500 ширкат ва корпоратсияи калони ду мамлакат иштирок намуданд.

Роҳбарони ҳукуматҳо дар ин форум иштирок намуданд ва нутқ эрод карданд. Таъкид шуд, ки дар солҳои охир давраи нави ҳамкории бисёрҷанбаи байни мамлакатҳоямон оғоз ёфт.

Дар доираи форум дар шаҳри Самарқанд намоиши маҳсулоте, ки дар мамлакатамон истеҳсол мегардад, ташкил карда шуд.

Ғолиб ҲАСАНОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
хабарнигорони ЎзА.

САЛОҲИЯТИ ТУРИСТИИ ЎЗБЕКИСТОН СОЛ АЗ СОЛ МЕАФЗОЯД,

— мегўянд иштирокчиёни Ярмаркаи байналмилалии туризми Тошканд

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ярмарка наздик 20 нафар тоҷирони самарқандӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз вилояти Самарқанд барои рушди минбаъдаи робитаҳои ҳамкорӣ стенди ягонаи Самарқанд таъсис доданд. Дар рўзи аввали ярмарка аз ҷониби соҳибкорони Самарқанд ва Сарраёсати сайёҳӣ ва мероси фарҳангии вилояти Самарқанд ҳудуди 400 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.

Ногуфта намонад, ки ба ярмарка аз минтақаҳои Тоҷикистон низ як гурўҳ ташриф овард. Аъзои ин гурўҳ аз созмонҳои давлативу хусусии сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳои фароғативу табобатӣ ва амсоли он намояндагӣ мекарданд. Дар ҷараёни ярмарка онҳо муваффақ шуданд, ки ҳамкорони нав пайдо кунанд ва чанд шартнома ба имзо расонанд.

Дар як тарафи толори барҳавои "UzExpoCenter" ҳунармандони тоҷик маҳсулоти худро ба намоиш гузоштанд, ки мавриди таваҷҷўҳи тамошобинону харидорони зиёд қарор гирифт. Ин маҳсулот аз матоъи гуногуни пахтагину шоҳӣ, қолин, зару зевари занона, зоча, зарфҳои сафолин, инчунин либосҳои хушдўхт иборат буд.

Ярмарка имкон фароҳам овард, ки иштирокчиёни он дар бораи осоишгоҳҳои мухталифи кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон маълумоти муфассал пайдо кунанд. Иштирокчии ярмарка Моҳсанам Раҷабова, зимни суҳбат гуфт, ки ба сифати намояндаи осоишгоҳи "Хоҷа Оби Гарм", воқеъ дар ноҳияи Варзоб ба ин ярмарка ташриф овардааст.

– Бори аввал аст, ки дар чунин ярмаркаи бонуфуз ширкат мекунам. Барои ташкилу роҳандозии он, ки ҳатман домани ҳамкориҳоро дар соҳаи туризм хеле фарохтар месозад, хоссатан ба Вазорати туризм ва мероси фарҳангии Ўзбекистон ва "Маркази миллии PR" ибрози сипос мекунам. Осоишгоҳи "Хоҷа Оби Гарм"-и мо дар минтақаи хеле зебову афсункор ва обу ҳавояш тоза ҷойгир шудааст. Атрофи онро чашмасорони мусаффо ва дарахтони гуногун иҳота намудааанд, ки тамошои он барои ҳар як фард завқу шавқи беандоза мебахшад, – изҳор намуд М. Раҷабова.

Дар чаҳорўби ярмарка Азиз Абдуҳакимов бо раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон Тоҷиддин Ҷўразода дидору мулоқот анҷом дод. Дар ин мулоқот Ҷўразода қайд кард, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Ўзбекистон дар бахши сайёҳӣ беш аз пеш рў ба рушд овардааст.

Т.Ҷўразода баргузории иҷлосияи 5-уми Ассамблеяи генералии СТҶ-ро дар Самарқанд хеле муҳим арзёбӣ кард.

Ярмарка се рўз давом кард. Маросими пўшиши он шоми 2 декабр бо тантанаи хос баргузор шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
"Овози тоҷик".

Дар арзҳои дўстӣ

ДЎСТ ОЯД, ГАРМ ДАР ОҒЎШ ГИР...

Гурўҳе аз дўстону рафиқони тоҷикистонӣ дер боз дар дил орзу мепарвариданд, ки ба кишвари мо сафар намуда, аз ҷойҳои дидониву манзараҳои дилфиреби он баҳраманд гарданд. Банда низ ду бор ба Душанбе сафар бинмуда, дар аснои дидору вохўрӣ бо дўстон онҳоро ба меҳмонӣ хонда будам. Шоири шаҳир хуб гуфтааст:

Дўст ояд гарм дар оғўш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.

Инак чаҳор тан аз дўстон аз кору зиндагӣ фурсати холӣ ёфта, меҳмони ҷумҳурии мо гардиданд. Тавассути Сариосиё ба Самарқанд омаданд. Дили шаҳри бостонӣ ва ҳамешаҷавон Самарқанд – Маҷмўаи Регистонро тамошо карда, сипас озими шаҳри Ҷиззах шуданд. Нони хуштаъм ва болаззати Самарқанд, самбўсаи беназири Ҷиззах, манзараҳои деҳаи Ўхм, даштҳои беканоре, ки қад-қади кўли Ҳайдар ва муқобили қаторкўҳҳои Нурато ба масофаи зиёд тўл кашидааст, дар дили меҳмонон таассуроти ачиб боқӣ гузошт.

Роҳи дуру дарозро паси сар карда, ҳамчун дастовез якчанд дона китоби нодире, ки намунаҳои беҳтарини насри муосир ва адабиёти ҷаҳонро дарбар мегирифтанд ва дар байни онҳо «Шаҳсутун»-и нависандаи маъруф Абдулҳамиди Самад ҷой дошт, бо худ оварданд, ки аз ин хеле хушҳол гардидам. Чун як туҳфаи хуби дўстон ва мисли хазинаи бузург ба ҷевон гузоштам.

Бибимоҳи Алидухт, Матлуба Муҳаммадзода, Бобои Аҳмад, Муҳаммадсодиқ Шехов ду рўз дар маскани истироҳативу табобатие, ки мансуб ба корхонаи хусусии «Элназар-Нуралӣ»-и воқеъ дар ноҳияи Фориши соҳибкор Даврон Норбоев аст, буду бош доштанд ва бо тановули шири шутур табобат ҳам гирифтанд. Дар биёбон барпо намудани ин гуна маҷмўи истироҳативу табобатиро дида, ба соҳибкор аҳсант гуфтанд.

Бобои Аҳмад, ки худ ҷамъияти сайёҳиро роҳбарӣ мекунаду дар ҳама ҷо ба таблиғи рушд бахшидани ин соҳа машғул аст, гуфт, ки дар ҷумҳуриатон торафт сайёҳӣ тараққӣ мекунад. Мо хушҳолем, ки дару дарвозаҳо барои сокинони ду кишвар боз шуданд. Албатта, барои ба роҳ мондани равуои доимӣ ба сарварони ду ҷумҳурӣ ташаккур мегўем.

Матлуба Муҳаммадзода – гўяндаи барномаи тандурустии телевизиони «Ҷаҳоннамо» мебошад. Бо ҳамкорони телевизиони вилоят муваффақ гардид, ки наворҳои гуногун ва рангин гирад. Ваъда дод, ки аз рўйи он барномаи ҷолибе таҳия ва омода месозад.

Мардуми мо ҳамеша аз қудуми мубораки меҳмон хуш аст. Бузургон хеле хуб фармудаанд:

Шуд мунаввар аз қудуми дўстон кошонаам,
Хона фонус асту меҳмон шамъу ман парвонаам.

Меҳмонон баъди тамошои шаҳри Тошканд ба Хуҷанд ва аз он ҷо ба Душанбе баргаштанд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

ОЗМУНИ «МАҚОМСАРОЁНИ ҶАВОН»

Дар шаҳри Тошканд марҳилаи ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Мақомсароёни ҷавон» баргузор гардид.

Дар ин тадбир, ки бо мақсади рушд додани маданияти мусиқаи миллӣ, ба саҳнаи ҷаҳон баровардани санъати мақоми миллӣ, кашф кардан, ҳавасманд гардондан ва тарғиб намудани эҷодиёти ҷавонони боиқтидор, рўйи об баровардани истеъдод ва қобилияти эҷодии мақомсароёни ҷавон, зиёд намудани шавқи онҳо ба санъати мақоми миллӣ сурат гирифт, намояндагони ҷавони санъати мақоми Бухоро низ муносиб иштирок карданд. Дар он талабаи мактаби ихтисосонидашудаи санъати Бухоро Гулсанам Ҷўраева соҳиби ҷойи якум, ансамбли навозандагони мактаби бачагонаи санъати мусиқаи ноҳияи Пешкў сазовори ҷои дуюм ва шогирди мактаб-интернати мақоми Бухоро Ҳасан Отаёров дар равияи рубоби қашқарӣ муносиби ҷойи сеюм гардида, бо диплом ва туҳфаҳои хотиравии Вазорати фарҳанг тақдир ёфтанд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ЯК ҚИСМИ ПОЙТАХТРО БО НЕРУИ БАРҚИ ҲАРОРАТӢ ТАЪМИН МЕКУНЕМ,

— мегўяд директори генералӣ Рустам Шамсиев

Сафари матбуотии як гурўҳ журналистон аз боздиди иншооти наве шурўъ шуд, ки дар Маркази барқи ҳароратии Тошканд (МБҲ) сохта мешавад. Ин иншоот тавассути маблағи буҷавӣ ва сармоягузорони туркӣ арзи вуҷуд ҳоҳад кард ва ба бинои маъмурии он табдил ҳоҳад ёфт. Инчунин ташрифи мо, журналистон ба рўзи ифтитоҳи ошхонаи наву замонавие рост омад, ки дар ҳудуди ин марказ барои коргарон сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор медоданд.

Ҳадафи асосӣ аз ин сафари матбуотӣ мушоҳидаи бевоситаи таъмини иҷрои як қатор супоришҳои Президент оид ба густариши истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия, аз ҷумла, пурра таъмин намудани неруи барқӣ барои эҳтиёҷи зарурии аҳолӣ мебошад.

Дарҳақиқат, аз натиҷаи боздид ва суҳбату мулоқотҳо бо роҳбарону мутахассисони Маркази барқи ҳароратӣ метавон хулоса намуд, ки дар ин росто корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Зеро таъмин кардани аҳолӣ бо неруи барқи мукобил талаби замон аст. Аз ҷумла, дар давоми 11 моҳи соли 2022 барои таъмини бино ва иншооти дигари корхонаи мазкур ба таври алоҳида 17 дастгоҳи гармидиҳии офтобӣ бо иқтидори умумии гармкунии 3 ҳазору 400 литр об, 160 лампаи офтобӣ, 70 дона сенсори муҳаррик ва ду дастгоҳи мубаддали фриконс барои ҷилавгирӣ аз масрафи истеъмоли зиёдатии неруи барқ насб карда шудааанд, ки харҷи неруи баркро коҳиш медиҳанд.

Рустам Шамсиев, директори умумии Ҷамъияти саҳҳомии Маркази барқи ҳароратии Тошканд, зимни баёни маълумот изҳор кард, ки дар ин рўзҳо дар корхона неругоҳи барқи офтобӣ ба иқтидори 25 кВт/соат ба истифода дода шуд.

Ба таъкиди директор нуктаи муҳими дигар ин аст, ки корхона ҷиҳати таъмини аҳолӣ, объектҳои бахши иҷтимоӣ ва муҳими иқтисодиёти кишвар бо неруи барқ лоиҳаи сармоягузориро бо арзиши умумии 109 миллиону 243 ҳазор доллар амалӣ менамояд. Шамсиев иброз намуд, ки бар асоси он то соли 2024 ду агрегати газтурбинии иқтидори ҳар кадоми он 32 МВт сохта ба истифода дода мешавад.

– Дар мавриди ҷилавгирӣ аз ифлосшавии муҳити атроф чӣ метавон гуфт, зеро ин неругоҳ дар як қисмати сераҳолии шаҳр воқеъ гаштааст? – пурсидем аз директори генералӣ.

– Мо ба он такя мекунем, ки бештар технологияи замонавӣ, дастгоҳу таҷҳизоте мавриди истифода сурат гирад, ки метавонад ба коҳиши бештар аз 200 тонна моддаҳои заҳролуд оварда расонад ва муҳити атрофро аз ифлосшавӣ то ҳадди ақалл таъмин намояд. Ин лоиҳа бар асоси Фармони Сарвари давлат аз 28 январи соли 2022 "Дар бораи рушду ривоҷи стратегии Ўзбекистон дар солҳои 2022-2026" амалӣ мегардад, – тазаккур дод Шамсиев.

Ҳоло дар маркази идоракунии МБҲ-и Тошканд вазифаи ҳафт нафарро се нафар иҷро мекунад. Онҳо тамоми корҳои идоракуниро тавассути компутер ба ҷо меоварданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
"Овози тоҷик".

МАҲСУЛОТИ «СИРДАРЁ МЕГА ЛЮКС» БА 14 МАМЛАКАТ ЭКСПОРТ МЕШАВАД

Дар корхонаи муштараки «Сирдарё мега люкс» кор карда баровардани ҷуволҳои калони полипроленӣ ба роҳ гузошта шудааст. Ин ҷуволҳо, ки «контейнерҳои нарм» гуфта мешаванд, аз 500 килограмм то 5000 килограмм бор мебардоранд. Дар истеҳсолот, савдо, кишоварзӣ, логистика барин соҳаҳо ба он талабот зиёд. Корхона соле 132 миллион дона ин гуна маҳсулот бароварда метавонад.

Дар корхона моҳи майи соли 2021 омодасозии плёнкаи дуқабата ба роҳ гузошта шуд. Моҳҳои наздик дар асоси технологияи стреч плёнка ва спанбонд истеҳсоли матоъи нобофта ба роҳ гузошта мешавад.

Дар корхона бештар аз 2 ҳазор нафар меҳнат мекунанд. Баъди пурра амалӣ шудани лоиҳаҳо, ҷойҳои корӣ ба 5000 мерасанд.

Маҳсулот имрўзҳо ба Русия, Исроил, Белорус, Украина, Қазоқистон барин 14 мамлакат экспорт карда мешаванд.

Дар суратҳо: *дар корхонаи муштараки «Сирдарё мега люкс».*

Дар корхона тўли панҷ соли оянда оиди истеҳсоли маҳсулоти полимерӣ технопарк ташкил карда ва амалӣ сохтани ҳашт лоиҳа ба нақша даромадааст, ки арзиши умумиаш 350 миллион доллар мебошад. Барои ин 260 миллион доллар сармоя ҷалб гардида, технологияҳои Олмон, Италия ва Австрия устувор карда мешавад.

Суратгир:
Ш.ОРТИҚБОЕВ (ЎзА).

ХАБАРҲО

ВАКСИНАҲО ОВАРДА МЕШАВАНД

Назар ба хабарҳои статистикӣ, дар даҳ рўзи охир миқдори беморони коронавирус дар ҷумҳурӣ боло рафтааст.

Аз ҷониби хидмати санитарӣ-эпидемиологӣ таҳти ҳамдастӣ бо вазорату идораҳои дахлдор алайҳи эпидемия чораҳо андешида ва корҳои профилактикӣ пеш бурда мешаванд.

Назар ба таъкиди ҷонишини Хидмати осоиштагии санитарӣ-эпидемиологӣ ва солимии ҷамоатӣ Нурмат Отабеков, дар мавсими тирамоҳ-зимистони соли 2022-2023 бемории микс-инфексия ва элементҳои он асосан дар байни шаҳрвандоне, ки ваксина нагирифтаанд ва касалии доимӣ доранд, бештар ба мушоҳида расидааст.

Дар давоми як ҳафта бо мақсади эмкунии аҳолӣ ба Ўзбекистон алайҳи КОВИД-19 се навбат ваксинаи Pfizer оварда шуда бошад, 2308410 доза ин навъ ваксина рўзи 2 декабр ба диёри мо интиқол гашт. Аз шаҳрвандон хоҳиш карда мешавад дар қабулнамоии ваксина фаъол бошанд, ҳаёти худ ва дигаронро ба хавф нагузоранд.

ДАР РЎЙИХАТИ ЮНЕСКО – БОЗ ДУ МЕРОСИ ҒАЙРИМОДДӢ

Дар шаҳри Работи Марокаш ҳафтдаҳумин сессияи Кумитаи байниҳукуматӣ оиди ҳифзи мероси мадании ғайримоддӣ баргузор гардид.

Яке аз давлатҳои иштирокдор Ўзбекистон таҳти ҳамкорӣ бо Озарбойҷон, Эрон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Туркия бо унвони "Пиллапарварӣ ва истеҳсоли анъанавии пилла барои абрешимресӣ" нахустин файл (элемент) тақдим намуд. Элементи дувуме, ки аз ҷониби диёри мо тақдим гашт, бо номи "Латифаҳои Хоҷа Насриддин" ба рўйихати ЮНЕСКО дохил карда шуд.

Ҷонишини Сарвазир – раиси Комиссияи миллӣ оиди корҳои ЮНЕСКО дар Ўзбекистон Азиз Абдуҳакимов таъкид кард, таҳти роҳбарии Президент ҷиҳати ҳифзи мероси бойи ғайримоддӣ ва боло бурдани нуфузи он дар мамлакат корҳои муҳим пеш бурда мешаванд, дар рўйхати ЮНЕСКО ҷой гирифтани боз ду анъанаи нодири мо низ далели равшани ин фикр мебошад.

Пештар дар ин рўйихат "Бахшӣ", "Лазгӣ", "Палав", "Аския", "Наврўз", "Шашмақом" мавқеъ гирифта буданд. Акнун миқдори умумии элементҳои Ўзбекистон, ки дар ЮНЕСКО номнависанд, ба 11 адад расиданд.

РОҲИ НАВИ ҲАВОИИ МАСКАВ – ФАРҒОНА

Ширкати ҳавоии "Аэрофлот"-и Русия ба наздикӣ аз рўйи самти "Маскав – Фарғона – Маскав" рейси навро ба роҳ гузошт.

Парвозҳо ҳафтае се маротиба (чоршанбе, шанбе ва якшанбе) тавассути ҳавопаймои Airbus-320 ба роҳ монда шудаанд, ки 158 ҷойи нишаст дорад. Муддати парвоз – чаҳор соату 10 дақиқа. Дар Маскав аэропорти байналхалқии «Шереметево» мавриди истифода аст.

М. ШОДИЕВ,
мухбири "Овози тоҷик".

Ба ифтихори 80-солагии сарояндаи мумтоз – Ҷӯрабек Муродов

ТАВОФИ КАЪБАИ ДИЛ КАРДААСТ Ӯ

Устод Ҷӯрабек Мурод аз хунёгарони машҳури мардуми тоҷик дар садаи XX ва оғози садаи XXI, ҳофизу оҳангсози навовар, таҷдидгари суннатҳои мусиқии миллӣ, сарвари мактаби тозаи овозхонӣ, мунодии созу овози классикӣ ва муосири тоҷикӣ дар ақсои ҷаҳон; марди ҳушёру бедор, инсони миллатпарасту ватандӯст ба шумор меояд, ки дар тӯли фаъолияти шастсолаи саҳнаороии хеш чандин садсолаи пешинро аз нав зинда намудаву барои боз чанд садсола кору осори ибратбахшу мондании эҷод кардааст. Ба ин маънӣ зуҳур ва кору фаъолияти ҳунарии Ҷӯрабеки Мурод дар фарҳанги тоҷикии анқариб шастсоли охир, дар воқеъ, ҳодисаи таърихист.

Аслан даврои мазкур дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон як марҳалаи муҳимми озодандешӣ, ибтикорот ва қолабшиканиву дороиафзоӣ будааст. Дар ин маврид Ҷӯрабеки Муродро матавон як падидаи тиллоие дар равандҳои эҳёи маънавии ин замон ба шумор овард. Дар воқеъ устод Ҷӯрабеки Мурод, ба қавли устоди зиндаёд Лоиқи Шералӣ, «зодаи эҳтиёҷи руҳи халқ»-и тоҷик аст. Мардуми тоҷик сари чанд замоне дар деҳу водӣ, шаҳру остоне тоҷикнишин барои баровардани эҳтиёҷи руҳи фарҳангпарвар ва идомати суннати халлоқияти худ фарзанди шариферо дар маҳди хеш мепарварад, чунон ки Домулло Ҳалим, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхони Ҳофиз, Акашарифи Ҷӯра, Одинаи Ҳошим ва Зафари Нозим барин бузургони ҳунарро ба арсаи эҷод баровард ва Ҷӯрабеки Мурод низ аз табори ҳамин фарзандони азизи халқ аст, ки ин дафъа аз қарияи Фалғари (ноҳияи Айнӣ) водии Зарафшон бархост.

Ҷӯрабеки Мурод, пеш аз ҳама, аз муҳити бачагӣ ва фарҳангу маънавиёти мардуми диёраш баҳра бардошт. Вай зодаи деҳқадаи Кӯҳруд аст, ки мисли ҳамаи деҳаҳои кӯҳистони тоҷик бо манзараҳои зебо, кӯҳҳои сарбафалак, чашмасорони сардоб ва мардуми заҳматкашу фарҳангдӯсташ имтиёз дорад. Ҳунари овозхонии ин диёр низ ҳам дорои махсусиятҳои худ ва ҳам сифатҳои умумӣ бо сарояндагии умумитоҷикӣ хосро доро мебошад.

Дар воқеъ, дар болооби Зарафшон (Панҷакент, Фалғар ва Масчоҳ) метавон гуфт, ки се сабки овозхонӣ маъмул буд ва ҳаст: аввалан, сурудҳои халқӣ бо ҳама навъҳояш, рубоисароӣ ва байтхонӣ машҳур аст; сониян, байни мардум, бахусус болооби Зарафшон, сабки хониши махсусе, ки онро қаландархонӣ мегӯянд, роиҷ буд, ки матни онро ҳам шеъри халқӣ ва ҳам ашъори мазҳабию сарводаҳои шоирони классик ташкил медод. Ва, ниҳоят, сабки шашмақомхонӣ ва сурудҳои дар ин равиш эҷодшуда. Сабки охир ҳар қадар ба шаҳрҳо, бахусус ба самти Самарқанду Бухоро ҳаракат мекунем, бештар ба мушоҳида меояд. Аслан, пайванд ва умумияти маънавиву мусиқии тамоми водии Зарафшон таърихи қадима дорад, аммо аз замоне, ки устод Рӯдакӣ аз Панҷрӯд сӯйи Бухоро роҳ гирифта буд ва то замоне, ки Нақибхони Туғрал байни Фалғару Самарқанд рафту омад дошт, ҳамеша барқарор будааст. Дар айни замон дар овозхонии мардуми водии Зарафшон на танҳо лаҳну оҳангҳои мардуми Самарқанду Бухоро, инчунин Истаравшану Ҳуҷанд, водии Қаротегину Ҳисор ба ҳам омадааст ва дар он мазиятҳое ҳаст, ки ба мардуми ҳамаи манотиқи тоҷикнишин ошност.

Ҳамин тавр, Ҷӯрабеки Мурод дар заминаи суннатҳои мазбури ҳунарӣ ба арсаи эҷод қадам мениҳад. Аммо нахустин бархӯрди бевоситаи Ҷӯрабеки Мурод бо ҳунари ҳирфаӣ дар ибтидои солҳои 60 асри гузашта дар Донишкадаи омӯзгории Ҳуҷанд (ҳоло Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) ва муҳити ҳунарии ин шаҳр ба амал омадааст. Ин замоне буд, ки дар Ҳуҷанд ва ноҳияҳои он садо ва симои бегона бо тамоми қуввааш қудраташ яккатозӣ дошт. Тибқи шаҳодати устод Боймуҳаммад Ниёзов то охири солҳои 50 дар барномаи театри ба номи Пушкин (ҳоло ба номи Камоли Ҳуҷандӣ) ягона суруди машҳури тоҷикӣ асари халқии «Хуш он замон» будааст бас.

Дар ҳамин айём устод Боймуҳаммад Ниёзов бар арсаи ҳунар бо эҷоди сурудҳои воқеан дилрабои тоҷикӣ ворид гардид ва вай аввалин касе шуд, ки бар алайҳи вазъи маънавӣ дар ҳунари овозхонии минтақа исён кунад ва бо эҷоди оҳангу сурудҳои сараи тоҷикӣ шуҳратёр низ гашт. Аммо дар мусобиқа бо ҳунармандони кишвари ҳамсоя барои ба даст овардани нуфузи ҳоким дар байни мардуми минтақа ва ҳатто кулли тоҷикзабонони Осиёи Марказӣ ба шогирду пайрави ҷавони эшон, минбаъд устоди баркамоли ҳунар Ҷӯрабеки Мурод муяссар мегардад...

Ин амал андаке баъдтар сурат мегирад. Барои ба ин ҳадаф расидан Ҷӯрабекро меҳнат, омӯзиш, ҷустуҷӯҳои пуршиддате дар пеш аст. Вале дар ибтидои солҳои 60 вай бо мушоҳидаву мулоҳиза ва омӯзишу таъсири муҳити маънавии мазкур қадамҳои ибтидоӣ ва шогирдона мебардорад: ҳам сурудҳои халқӣ иҷро менамояд, ҳам дар лаҳну оҳанги устодони сурудхон, бахусус Боймуҳаммад Ниёзов, овозхонӣ мекунад ва ҳам роҳу равиш ва созу овози ҳофизони ӯзбекисароро меомӯзад. Вале дар амали овозхонии ӯ чизе муҳимму покиза, наву дилраси тоҷикона эҳсос мешуд, ки ҳунари ӯро аз дигарон, ҳатто аз устодон тафовут медод. Вай, на танҳо овози ширину ҷилодор ва лаҳни абрешимӣ дошт, балки матн, суханро буррову равшан, бо риояи вазни дарунии вожаҳо, бо таъкидҳои ба худаш хос ба шунаванда мерасонд ва аз ҳама муҳимаш, эҳсос мешуд, ки ӯ ҳатто оҳанги дигаронро чун эҷоди худаш ва бо рангу оҳанги тозае иҷро менамояд. Ҳамин гуна буданд сурудҳои Ҷӯрабеки Мурод «Лабинӯш», «Моҳи тобонам, биё!», «Омадӣ, рафтӣ», «Ёр-ёр», «Қӯшчинор», ки ӯро ба доираҳои ҳунарӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ муаррифӣ карданд. Яъне ӯ аз оғоз на аз роҳи тақлиди маҳз, балки аз ҷодаи шакл додани сабку равиши хоси иҷрокунандагӣ қадам ба арсаи эҷод ниҳод, ки ин, албатта, баёнгари соҳибистеъдод будани эшон ба шумор меояд. Зеро маҳз истеъдод аст, ки чизҳои одиву муқаррариро ба сурати зебо медароварад, осори тоза тавлид мекунад, фаромӯшшудаҳоро аз нав эҳё месозад, ба буда таровати дигаре мебахшад. Ҷустуҷӯҳои минбаъдаи Ҷӯрабеки Мурод ба ҳамин равиш сурат гирифтааст.

Инак, соли 1963, пас аз ғолибият дар азназаргузаронии ҳунармандони ҷавони ҷумҳурӣ бо талаби доираҳои расмӣ, аммо, пеш аз ҳама, бо хоҳиши дил ва фотиҳаи падару модар ӯ овозхони Филармонияи давлатии Тоҷикистон гардид. Ҳамин тавр, аз ҳамин сол ба баъд ӯ дар раванди рушду инкишофи ҳунари муосири тоҷикӣ, санъати овозхонӣ ва оҳангсозӣ ба иштироки фаъолона мепардозад, лаҳну сабкҳои фаромӯшшударо ҷони нав ато намуда, роҳу равиши худро шакл медиҳад ва мактаби хосу тозаи хунёгариро бунёд мегузорад. Инро ҳам бояд ёдовар шуд, ки барои ба амал баромадани ниятҳои эҷодии ӯ, пеш аз ҳама, муҳити шаҳри Душанбе ба сифати маркази фарҳангии ҷумҳурӣ мусоидат намуд, зеро акнун вай, аз як ҷониб, дар ҷӯши ҷустуҷӯҳои эҷодии аҳли ҳунар, аҳли адаб ва тамошобини сахтгир қарор гирифт ва, аз ҷониби дигар, доираи маълумот ва омӯзишаш вусъат гирифта, ҳисси масъулият ҳамроҳ бо ориятӣ худтасдиқкунӣ ӯро ба сабқати эҷодӣ бо ҳампешаҳои тавонояш мекашад ва ин ҳама натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳе ба бор меоварад.

Дар қадами аввал Ҷӯрабеки Мурод, ҳамзамон бо такмили маҳорати иҷрокунандагӣ, ба оҳангсозӣ пардохт, яъне созу сурудҳои тозаи худро эҷод кард ва манзури ҳаводоронаш гардонид. Дар сурудҳои аввал вай кӯшидааст, ки кайфияти қишри гуногуни ҷомеа – ҳам ҷавонони донишомӯзи ошиқ, ҳам мардуми одии меҳнатӣ ва ҳам эҳтиёҷи маънавии рӯшанфикрон фаро гирифта, завқу табъ ва ҳиссиёту руҳияи онҳоро бозгӯ намояд. Яъне Ҷӯрабеки Мурод аз оғоз ба сурудани тавсифномаҳо ва ашъори таргибии маҳз маҳдуд намонд ва ин амал ба вай барои чустуҷӯҳои эҷодии минбаъда имкони бештаре фароҳам оврад. Эҷодҳои аввалини эшон чун «Нома», «Асири ҳусн», «Гули садбарг», «Студент», «Шармида-шармида» аз оғози равиши мазкур гувоҳ буданд. Ин сурудҳо аз ҳайси муҳтаво дар як поя набошанд ҳам, вале ширинии эҳсосу дилрасии садо ва покизагию самимияти иҷро баъзе камбудиҳоро дар арзиши матнҳо мапӯшонид. Аммо дар сурудҳои хуби вай «Ту гул не!», «Матои ҳусн», «Ғалат», «Домани эҳсон», «Имшаб ба базми соҳибҷамолон», «Шабат хуш бод, ман рафтам» ҳунари иҷрокунандагӣ, овози хуш ва матни сара тавъам омада, хеле зуд вирди забонҳо гаштанд ва бар шуҳрати эҷодкорашон афзуданд. Натиҷаи ҷолиби ин ҷӯяндагиву созандагии муваффақ, ба фикри банда, сурудҳои «Ватан» (матни М. Турсунзода), «Ҷон писар» (матни М. Аминзода), «Дилбараш», «Ҳамсуханӣ» (матнҳои Туғрал), «Башорат нест» (матни А. Шукӯҳӣ) мебошанд. Устод Ҷӯрабек дар ин сурудҳо ба сифати ҳунарманди хушзавқе намудор мешавад, ки таваҷҷуҳи бештар ба шеъри баланди ватандӯстона, ибратангез ва ошиқонаю ҳаётдӯстона дорад ва онҳоро бо сабки хоси иҷрогарӣ ва таъкиду нола ва тобишҳои зебои овозӣ ғанӣ мегардонад.

Аз оғоз то ба ҳол як риштаи муҳимми ромишгарии устод Ҷӯрабек ба сурудани ошиқонаҳо тахассус дода шудааст ва онҳо боиси шуҳрат ёфтани ӯ низ гардидаанд. Бахше аз ин ошиқонаҳои устодро мо дар боло зикр намудем ва қисмати дигари онҳоро ин ҷо ёдрас мешавем: «Лаб кушо», «Толеъ агар мадад кунад», «Дилномаи Лоҳутӣ», «Девона шав, девона шав», «Ин ҳама ширинлабон», «Сапеда», «Лайлӣ», «Симинбаданӣ», «Ҳамин кофист», «Ид омад», «Нози ту», «Султони дили мо», «Ачаб ошиққушӣ...», «Марги қу», «Эй дӯст», «Чорзарби Ҷӯрабек», «Ҷавлон карду рафт», «Дилбараш», «Ҳозо ҷунун алошиқин», «Зулайхо», «Танҳо ману танҳо ту» ва хеле аз сурудҳои классикиро дар ин мавзӯъ номбар кардан мумкин аст. Мо танҳо ба зикри унвони онҳо маҳдуд шудем, зеро чунон ки мегӯянд: «Мушк он аст, ки ҳуд бибӯяд, на онест, ки аттор бигӯяд!». «Он ки маҳбубе надорад баҳри чӣ овора аст?!.. Ишқ агар набвад, нишоту зиндагӣ бекора аст!» – месарояд устод аз қавли Ҳабиб Юсуфӣ.

Аммо дар мавриди шеъри мазкури Ҳабиб Юсуфӣ ҳамин нукта сазовор ба таъкид аст, ки ин шеъри шоири замони шӯравӣ, ки солҳо диққати ҳеч ҳофизеро ба ҳуд ҷалб накарда буд, бо кӯшишу ҳунари устод ба як суруди ошиқонаи зебое табдил ёфтааст. Дар ин мавридҳо маълум мешавад, ки садои Ҷӯрабеки Мурод овозе покиза, рӯҳнавоз, марғуладори махмалӣ ва омехта ба дард аст, ки матнро ҷон мебахшад, умри нав ато мекунад ва шунавандаро тасхир месозад, садоест, ки ба дил мерасад, навозиш мекунад, дар кулл шунаванда (инсон)-ро дар ҳолу ҳавои гуногун меандозад ва ӯ ҳудро пас аз шунидан қаноатманд ҳис мекунад, болидарӯҳ мегардад, дардҳояш сабук, ҳисси ифтихору бовар ба хеш дар вай меафзояд, покиза мешавад ва бо таҳорати маънавӣ аз толор берун меравад. Аслан устод Ҷӯрабек аз он ҳунармандони нодирест, ки вазъи равонии аҳли толор ва ҳар шунавандаро хеле бахубӣ эҳсос мекунанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

ТАЪРИХИ МАКТАБИ ХАТТОТИИ МОВАРОУННАҲР ВА МАЪРУФТАРИН НАМОЯНДАГОНИ ОН

Мактаби хаттотии Ҳирот

Абдулҷамили Котиб (вафот 1505-06)

Яке аз намояндагони барҷастаи мактаби хаттотии Ҳирот Абдулҷамили Котиб, дар нимаи аввал ё миёнаҳои асри XV ба дунё омадааст. Шароити мусоиди рушди илму фарҳанг дар замони Темуриён, бахусус, дар он замон ба маркази бузурги илму адаб ва санъат табдил ёфтани шаҳри Ҳирот, барои аҳли илму фарҳанг гардидани Абдулҷамил, ки илмҳои замони худро амиқ аз бар карда буд, нақши муҳим бозид.

Абдулҷамили Котиб, ки чанд сол дар мадрасаи Султонияи Ҳирот ба толибилмон аз наҳви арабӣ дарс додааст, дар ҳунари хаттотӣ аз пешқадамони замони худ маҳсуб мешуд. Бинобар ин, ӯ мавриди таваҷҷуҳи шоир ва олими бузург, арбоби давлатӣ, ҳомии илму адаб ва санъат Алишери Навоӣ қарор гирифта, чанд сол ба ҳайси котиби махсус осори ӯро нусхабардорӣ кардааст. Аз ҷумла, «Ҳамса»-ро бо хати зебо ва бехато нусхабардорӣ кардааст, ки беҳтарин ва боэътимодтарин нусхаи «Ҳамса» ба шумор рафта, ба худи Навоӣ ҳам писанд омадааст. Ба ҷуз ин, Абдулҷамил «Наводир-ун-ниҳоя» ва дигар асарҳои Навоиро низ нусхабардорӣ карда, аз рӯйи асарҳои лирикии Навоӣ маҷмӯаи «Туҳфат-ус-салотин» (Тӯҳфаи султонҳо)-ро тартиб додааст. Имрӯз нусхаи «Ҳамса»-и Навоӣ дар хазинаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, маҷмӯаи «Туҳфат-ус-салотин» дар Осорхонаи Британиё нигоҳ дошта мешавад.

Дарвешмуҳаммад Тақии Ҳиравӣ (вафот 1503-04)

Дарвешмуҳаммад Тақии Ҳиравӣ, ки дар нимаи аввали асри XV ба дунё омадааст, аз донишмандони замони худ буд. Тақии Ҳиравӣ дар назм истеъдоди хубе дошт, аз намояндагони бузурги мактаби хаттотии Ҳирот буд. Хаттот, ки бо Алишери Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ барин намояндагони барҷастаи муҳити фарҳангии Ҳирот робитаи зич дошт, ба нусхабардории осори ин шоирон ва дигар адибон сарукор дошт. Аз ҷумла, деванҳои Алишери Навоӣ ва «Муноҷот»-у «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Луббӣ лубоби маънавӣ интихоби маснавӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Кулliёт»-и Хусрави Деҳлавиро нусхабардорӣ кардааст. Осорҳое, ки Дарвешмуҳаммад Тақии Ҳиравӣ нусхабардорӣ кардааст, дар хазинаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон маҳфузанд.

Мактаби хаттотии Бухоро

Миралии Ҳиравӣ (вафот 1554)

Намояндаи асосии мактаби хаттотии Ҳирот, яке аз асосгузорони мактаби хаттотии Бухоро Миралии Ҳиравӣ, маъруф ба «Котиби султонӣ», дар нимаи дувуми қарни XV дар Ҳирот ба дунё омадааст. Миралӣ, ки дар аҳди Темуриён дар муҳити фарҳангии Ҳирот тарбия ёфтааст, дар баробари соҳиби илмҳои замони худ будан, аз шогирдони Султоналии Машҳадӣ (1437-1520) – Зайниддини Муҳаммад асрори хаттотиро омӯхтааст. Ӯ аз овони ҷавонӣ ҳамчун котиби моҳир шинохта шуда, аввал дар девонхонаи ҳукмдорони Ҳирот ва баъдан дар дарбори Султон Ҳусайни Бойқаро ба ҳайси котиб кор кардааст. Алишери Навоӣ истеъдоди ӯро дар ҳамин давра пай бурд. Баъди соли 1510 Исмоили Сафавӣ (1487-1524) Ҳиротро ишғол кард, муддате дар хидмати ҳокимони сафавии Ҳирот Каримиддини Совачӣ ва Соммирзои Сафавӣ буд. Убайдуллохон (1487-1540) – намояндаи сулолаи Шайбониён дар ибтидои асри XVI дар Осиёи Миёна, пас аз ишғоли Ҳирот дар соли 1529 хаттоти маъруф Миралии Ҳиравиро дар қатори олимону нависандагон ва ҳунармандони ин шаҳр ба Бухоро бурдааст.

Хаттоти моҳир дар Бухоро ба писари Убайдуллохон Абдулазиз аз фанҳои гуногун, аз ҷумла хаттотӣ, дарс медиҳад. Ӯ дар замони Убайдуллохон (1533-1540) котиби дарбори Шайбониён буд. Аз соли 1529 дар китобхонаи писараш Абдулазизхон кор кардааст. Илова бар ин, Миралӣ – дар нусхабардории осори бисёре аз шоирону нависандагони маъруф: Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ансорӣ ва ғайра саҳми калон гузоштааст. Миралии Ҳиравӣ, ки дар замони худ бобати навиштани хати настаълиқ маҳорат дошт, дар густариши ин навъи хат дар Моваroуннаҳр нақши муҳим дорад. Илова бар ин, ӯ ба таълими хаттотони маҳаллӣ ва ташаккули мактаби хаттотии Бухоро саҳми калон гузоштааст. Мирҳусайн Кӯланкии Бухорӣ, Мирҳайдар Ҳусайни Бухорӣ, Мирчалмаи Бухорӣ аз ҷумлаи шогирдони ӯ мебошанд.

Миралии Ҳиравӣ дар инкишофи назарияи хаттотӣ низ саҳм гузоштааст. Рисолаи аз ҷониби ӯ оиди қоидаҳои хаттотӣ навишташуда – «Медод-ул-хутут» (1520) барои онҳое, ки ҳунари хаттотӣ меомӯзанд, дастури муҳим аст. Зиёда аз сӣ дастхат ва беш аз чаҳорсад қитъае, ки Миралии Ҳиравӣ нусхабардорӣ кардааст, то ба мо расидаанд. Аз ҷумла, дар хазинаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ достонҳои «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ ва Хусрави Деҳлавӣ (1494), «Туҳфат-ул-аҳрор»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (1531), «Аҳлоқи муҳсинӣ» ва «Туҳфат-ас-салавот»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (1501), «Илоҳинома»-и Ансорӣ (1531) ва дигар асарҳо, ки онро ин хаттот нусхабардорӣ кардааст, маҳфузанд.

Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,
мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро, хаттот.

Комилҷон РАҲИМОВ,
ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.

Меҳмони «Овози тоҷик»

ИНСОН МЕТАВОНАД САД СОЛ ЗИНДАГӢ КУНАД,

— мегӯяд табиби ҳозиқ Муллозуҳур Тоҳирӣ

Доктор Муллозуҳур Тоҳириро ба сифати кардиолог-психотерапевт, гиёҳшиносу дорусоз, мутахассиси тибби Шарқ, узви Иттифоқи журналистон ва нависандагони Тоҷикистон, сармуҳаррири рӯзномаи «Дард ва даво», директори генералии ҶММ «Меҳри гиёҳ», раиси Ассотсиатсияи тибби анъанавӣ ва табибони халқии Тоҷикистон, муаллифи китобу мақолаҳои илмиву адабӣ мутахассисони соҳа ва мизоҷон дар Тоҷикистону Русия ва дигар кишварҳои ИДМ мешиносанд. Доктор дар бахши гиёҳдармонӣ ва дигар соҳаҳои тиб бо ҳамкасбони ӯзбекистониаш низ ҳамкориро ба роҳ мондан мехоҳад.

Табиби ҳозиқ ҳар боре, ки пайи коре ба Тошканд ояд, меҳмони идораи «Овози тоҷик» мешавад, аз ҳар дар суҳбат меорояд, онҳоро бо тарзи ҳаёти солим ошно месозад, доир ба пешгирии бемориҳои гуногун маслиҳатҳои ҳудро дареғ намедорад. Вай бар он ақида аст, ки инсон сад сол фориғ аз беморию дард зиста метавонад.

Чанде қабл доктор Тоҳирӣ дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» бо ҷамоаи он ва журналистоне, ки аз дигар рӯзномаҳо даъват шуда буданд, боз вохӯрд ва доир ба пешгирию тарзи муолиҷаи бемориҳо суҳбати пурмуҳтавое анҷом дод. Усули баъзе муолиҷаҳои тамириаш басе одӣ буданд, ки дар рафти мулоқот сомеъон дар пайравӣ бо ӯ иҷро мекарданд. Аз нигоҳи доктор обшӯйи рӯдаҳо (ҳуқна, клизма) ба беҳ шудани ҳоли беморонe, ки фишори хунашон баланд аст ва дигар маризиҳо доранд, мусоидат менамояд. Бино ба фикри ӯ, обшӯйи рӯдаҳо пеши бемории кӯррӯдаро низ мегирад, нафари ба фишорбаландии хун дучоршуда, агар панҷ-шаш маротиба тавассути бинӣ чуқур нафас кашида, ҳаворо аз даҳон барорад ва як муддат нафаскаширо қатъ созад, фишори хунаш поин мерафтааст. Доктор бар он аст, ки инсонҳо бояд ба маданияти тиббӣ риоя намоянд, машқҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба беҳшавии вазъи саломатии инсон мусоидат менамоянд.

Баъди мулоқот бо ходимони рӯзнома имкон пайдо кардем, ки бо пизишк суҳбат кунем. Инак, фишурдаи он суҳбатро ба хонандагон пешкаш менамоем.

— Муҳтарам Тоҳирӣ, на ҳамаи хонандагони рӯзнома бо Шумо ошнӣ доранд, ҳудро шинос мекардед.

— Сипос, инҷониб зодаи деҳаи Пути ноҳияи Айнии Тоҷикистон ҳастам. Хатмкардаи Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино. Ҳанӯз аз овони донишҷӯйӣ бо гиёҳдармонӣ сарукор доштам. Маро ба ин кор донишҳои андӯхтаам ва шеваи кори ҳакими бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино, ки гули сари сабади тибби дунёст, илҳо мекард. Абуалӣ ибни Сино, асосан, бо гиёҳдармонӣ сару кор дошт. Ҳакими бузург, ки бо шеър низ алоқамандӣ дошт, фармудааст:

Аз қаъри гили сияҳ
то авҷи зуҳал,
Кардам ҳама
мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи банди
ҳар макру ҳиял.
Ҳар банд кушода шуд
магар банди аҷал.

(Давомаш дар саҳ.4).

Озмун

САЪБАГУЛ – СОҲИБИ ҶОЙИ АВВАЛ

Дар шаҳри Навоӣ озмуни вилоятии донишомӯзон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик баргузор шуд.

Дар он толибаи синфи нӯҳуми мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Саъбагул Тӯева бо дарёфти 92 хол ҷойи аввалро соҳиб гардид.

Саъбагул соҳиби саводи пухта буда, ба шеърнависӣ низ майл дорад. Ӯ шогирди омӯзгори варзида, шоир Шакар Сайфӣ мебошад.

Ю. НУРНАЗАРОВ.

Ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

Муосирони мо

ИНСОНИ КИРОИ ТАЪРИФ

Қаҳрамон Шарифӣ. Як ҷавони тануманди хушфеълу хушкалом. Шеърияти форсиро меписандад. Сухане мегӯяду шуморо ба тафаккур намудан водор месозад.

Қаҳрамон Шарипов — зодаи Хуфари бостонӣ 8 марти соли 1979 ба дунё омадааст. Ба падару модараш садҳо ташаккур, ки фарзанди тарбияткардаашон кори савоб, хайру эҳсонро дӯст медорад. «Кори хайре, ки дасти рост кард, дасти чап набояд донад», – мегӯяд ӯ. Вай айни замон истиқоматкунандаи деҳаи Чароғони маҳаллаи Гулободи ноҳияи Сариосиё мебошад.

– Мо аз аввалинҳо шуда дар ин деҳаи нав хона сохтему бо оилаам барои зист омадем. Ҳоло бо панҷ нафар фарзандонам боғу роғ карда, зиндагии хуш ба сар мебарем, шукри Офаридгори бузург, – мегӯяд Шарифӣ.

Ӯ шеър менависаду зери лаб суруд зам-зама мекунад. Ғапе, ки дар дил дорад, рӯйирост мегӯяд. Ба бисёриҳо пинҳонӣ ёрӣ медиҳад. Дар бунёди кӯчаи Тӯпаланг ва сохтани кӯпруки деҳ саҳмгузор аст. Хостем, ки дар ин хусус маълумот бештар пайдо кунем, нахост, ки кори кардаашро достон кунем. Аз ин лиҳоз аз дигарон пурсидем. Дигарон низ гуфтанд, ки намехоҳад кори хайри кардаашро миннат кунад. Донистем, ки вай барои овардани истгоҳи баркӣ ба деҳа то Тирмиз рафтааст, бо чанде савобталабони дигар, албатта.

Қаҳрамон Шарифӣ зиндагии хушбахтонаву, ибратбахше дорад. Касби ронандагиро пеша намуда, камарбастаи хидмати ҳалол аст.

Сурайё ТУҒЁН,
ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

ТАВОФИ КАЪБАИ ДИЛ КАРДААСТ Ў

(Аввалаш дар саҳ.3).

Инчунин дар ҳунари иҷрокунандагии устод Ҷўрабеки Мурод аз аввал як ҷузъиёти муҳимму махсусе ба зуҳур омад, ки онро ахлоқи овозхон ва ё одоби саҳнаоро номидан мумкин аст. Вай одоби иҷрокунандагиро ба ҳусни саҳна ва хунёгарӣ табдил дода, суннати хушодобии мардуми диёрашро ба саҳна ворид сохт, аз минбари баланд онро талқин кард ва метавон гуфт сабки тозаи овозхонии ахлоқиро бунёд гузошт. Вай дар зиндагӣ низ аз ҳамин меъёр амал менамояд ва бесабаб нест, ки дар байни мардум масале бо номи хушахлоқии инсонӣ ва ҳунарии «Ҷўрабекона» машҳур мебошад. Эшон ин амали огоҳонаро худ чунин дуруст тавзеҳ медиҳад: «Сароянда бояд инсони нексиришт ва накўқор бошад».

Ва ин некусиярии устод Ҷўрабеки Мурод дар интихоби матни сурудҳо, бахусус ашъори панду андарзӣ ва ибратангез ба чашм мерасад. Бештари сурудҳои эшон аз тавсифи некӣ, эҳтиромӣ падару модар, даъват ба одамдўстӣ, қадршиносӣ ва диёрдорӣ иборат мебошад. Устод тавассути лаҳни ширин, таъкидҳои бамавриди маънӣ муҳтавои шеърро ба дилҳо менишонад, таъсири малоловари насиҳати хушкро аз байн мебарад ва мазмуни андарз ғайриихтиёр ба дастури ахлоқии ў табдил меёбад. Сурудҳои «Матои ҳусн» (Ҳасрат), «Андеша кун» (Ҷалолиддини Румӣ), «Ид омад» (Ҷалолиддини Балхии Румӣ), «Ҳикояти булбул» (Ҳофиз), «Дар камозорӣ» (Носири Хусрав), «Панди Бедил. Мову шумо набошад» (Бедил), «Дард мебояд кашид» (Сайидо), «Он кас, ки бидонад», «Рўзи навмедӣ чу ояд ошно душман шавад!», «Забон макшо» (Нозим), «Замин», «Нонреза», «Дўстонро гум макун» (Мирзо Турсунзода), «Ҳадиси сўзу соз» (Иқбол, Файз Аҳмади Файз), «Одамони пок» (Ансорӣ), «Ҷон писар» (Муҳиддин Аминзода), «Санги кўҳ», «Дарёи дил», «Панди куҳан», «Замини сахти кўҳистон» (ҳама аз устод Лоиқ), «Хўшаҳои тиллоӣ» (Шукўҳӣ), «Эй одамон» (Саидалӣ Маъмур) «Одамгарӣ» ва хеле дигарро ном бурдан мумкин аст, ки дар ҳуд панду андарз, андеша ва ҳикматро якҷо фаро гирифтаанд. Ба ин маънӣ, андарзсурудҳои устод Ҷўрабек дар зимн ҳикматеро доро мебошанд, ки боиси андешаманд шудани шунаванда мегардад ва дар онҳо барои мулоҳиза сари рисолати шахсии ҳуд дар зиндагӣ ба сифати як инсон имкон фароҳам меоваранд.

Дар ин маврид силсилаи сурудҳои устод Ҷўрабекро дар мавзўи бузургдошти волидайн – падари бузургвор, бахусус модари азизу меҳрубон, ёдовар шудан мумкин аст. Ин риштаи фаъолияти эшон бо ниёзҳои ҷомеаи солҳои 70-80 шўравӣ ба миён омада, албатта, дар ҳеч давру замон кўҳна нахоҳад шуд. Сарҳалқаи модарномаҳои устод Ҷўрабек шеъри устод Мирзо Турсунзода «Дили модар» ва баъдтар «Модарам» гардид, ки хеле самимӣ ва ибратбахш садо медиҳанд. Устод дар ҳамин замина ба намунаҳои адабиёти муосири тоҷикӣ-форсӣ муроҷиат намуда, бо ашъори Эраҷ Мирзо сурудҳои зебое чун «Қадри модар» ва «Эй писар, модари ҳудро маёзор»-ро эҷод намуд. Ҳамчунин сурудҳои «Насиҳат» (Асирӣ), «Падарҷон» (Лоҳутӣ), «Маро дигар нахоҳӣ ёфт» (Лоиқ) таваҷҷўҳ ва тавсифи волидайнро дар фаъолияти Ҷўрабеки Мурод такмил дода, эҳсоси масъулияту эҳтиромро ба эшон талқин менамоянд.

Сурудҳои ватандўстона ва миллатгароёнаро низ устод ба ҳамин равиш дар зеҳни шунаванда менишонад ва дар амали ҳудшиносӣ ва ҳисси дарки вахдату ягонагии онҳо натанҳо саҳми босазо, балки муассир мегирад. Устод Ҷўрабеки Мурод ҳанўз дар даврони шўравӣ дар масъалаи миллӣ ҳассосияти хосае нишон медод. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳар истеъдоди нодир ва ғайримунтазира ҳамеша сарвати миллист ва ҳуди ин ҳунарманди тавоно, ҳатто ғайриихтиёр, аз мубаллиғони фарҳангу ҳунари миллӣ ба шумор меояд. Агар ин амал мисли устод ба фаъолияти огоҳонаи вай табдил шуда бошад, пас арзиш ва асари он як бар чанд меафзояд. Аввалан, Ҷўрабеки Мурод ба иҷрои шеърҳое пардохт, ки дар мавзўи Ватан ва Тоҷикистон бахшида шуда буданд. Сурудҳои «Оҳанрабо», «Тоҷикистон», «Суруди Рўдакӣ», «Ватан», «Дараи арўсон» (шеърҳои Мирзо Турсунзода), «Ушшоқи Душанбе», «Зодаи Тоҷикистон», «Забонгумкарда» (шеърҳои Лоиқ), «Тоҷик» (шеъри Гулрухсор) аз ин эҷодкориҳои бомуваффақият буданд. Ин риштаи эҷодиёти Ҷўрабеки Мурод, бахусус, дар замони истиқлоли Тоҷикистон ба зинаи боло расид. Акнун вай имкон пайдо кард, ки ифтихороти ҳудро аз Ватану миллат натанҳо ошкоро иброз намояд, балки дар ин мавзўъ барномае вижае дошта бошад, ки тавсифи мардуми ба истиқлолрасида ва ягдигарфаҳмиву вахдати онҳо, таърихи вай, забону фарҳанги ўро фаро гирад. Ў аз аввалин ҳунармандоне буд, ки тавассути суруд бо овози баланду боифтихор «Тоҷикам» гўён садо дардод. Ва дар ҳамин сабк сурудҳои вай «Бифахрам, ки ман Тоҷикистониям», «Тоҷикистон», «Ватан, эй қиблаву меҳроби ишқам», «Салом, эй бўйи ҷўйи Мўлиёнам» (Фарзона), «Таронаи вахдат», «Рўдакиро кўр кардан бас набуд», «Чун теғ ба даст орӣ душман натавон кушт», «Бонги ҷашни тоҷикон ояд ҳаме» (Лоиқ) ба миён омаданд, ки баёнгари эҳсоси мардуми соҳибистиқлол, ҳудогоҳии таъриҳиву миллӣ ва ифтихори ватандории онҳо мебошад.

Ҷанбаи миллӣ ва ҳудшиносӣ дар фаъолияти Ҷўрабеки Мурод паҳлуҳои ганогун дорад. Муқаддамтарини онҳо дар бедории миллии тоҷикони кишварҳои Осиёи Марказӣ саҳми муассир гирифтани эшон мебошад. Ў дар миёни тоҷикони Осиёи Марказӣ обрўйи зиёд дошту дорад. Мухлисон дар ин манотиқ вайро беандоза дўст медоштанд ва устод ба ин васила дар зеҳни онҳо хеле аз сурудҳои классикии мардуми мо ва умуман лаҳни тоҷикиро зинда гардонид ва барои эҳёи фарҳангу ҳунари тоҷикӣ, муҳаббат ба забони модарӣ ҳидматҳои беандоза кардааст.

Чун сухан дар бораи нуфузи устод Ҷўрабек дар байни тоҷикони Самарқанду Бухоро, водии Фарғона, воҳаҳои Сурхону Қашқадарё, ҳаммилатони Қазоқистон, Қирғизистон ва ғайра аст, наметавонам як воқеаро, ки дар шаҳри Самарқанд шоҳидаш будам, ин ҷо изҳор надошта бошам. Банда боре субҳгоҳон дар миёни Регистон ва бозори шаҳр, ки растаи маҳзоҳост, пиёда мерафтам ва гуё ҳама ҷо ором буд. Вале ногаҳон атроф аз садо пур шуд ва дар назари аввал ҳеч чизро пай набурдам. Баъди сонияе садои ширину марғуладори устод танинандоз гашт ва сартосари хиёбони бузургро фаро гирифт. Дўкондорон ҳама баробар садобардори радиоро боло бурда буданд ва суруди «Гулузорам» бо ҳама шукуҳу азамат дар сартосари Регистон садо дардода буд. Оре, овози асилу махмалини устод ба дили мардуми Самарқанд натанҳо ҳамсадову ҳамнаво, зиёда аз он, дар таҳтушшуури эшон ҳисси миллӣ ва ифтихорро ба ҷунбиш оварда буд. Дар воқеъ, дар шаҳри бостонии Самарқанд, дар маконе, ки суруди мазкур аз ҷониби як тоҷики фарзонаи дигар Ҳоҷӣ Абдулазиз эҷод шудааст, фарзанди дигари ин миллат онро эҳё кардаву иҷро менамояд, мардуми ғаюри Самарқандро бетараф гузошта наметавонист. Эҳсос мешуд, ки ҳофизи асил чӣ инқилобе дар дилу шуури мардум ва номуси миллатхоҳӣ метавонад ба амал бароварад. Марҳамат, омили муассире барои дар дили ҳаммиллатонамон доим зинда нигоҳ доштани эҳсосу ғурури миллӣ, ки дар ин маврид ҷойи Ҷўрабеки Мурод истисноист! Агар чунин нест, агар эҳсоси тоҷикигарӣ нест, пас чаро дар Бухоро устоду мошинашро сари китф бардошта ворида саҳни ҳунари варзишгоҳ мекунанд?!.. Ва ба ин монанд мисолҳо хеле ва хеле зиёданд! Бомаврид аст бигўем, ки устод Ҷўрабеки Мурод аз мубаллиғони ҳамешагии дўстии халқҳои тоҷику Ўзбекистон мебошад ва дар таҳкими он низ саҳми бориз дорад. Ба гумонам аз эшон дар ин иртиботот ба таври аҳсан истифода бояд кард.

Зиёда аз он, устод Ҷўрабек ба вахдати фарҳангӣ ва маъҳавии умумифорсӣ низ таваҷҷўҳ зоҳир карда, ин ягонагиро дар сурудҳои ҳуд талқин ва тавсиф менамояд. Ў дар гузашта ва даҳсолаҳои охир низ борҳо ба Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон, Исроил, ба Амрикову Аврупо сафар карда, фарҳанги моро барои мардумони дигар, ба ҳамзабононамон муаррифӣ кардааст. Ин ҳама баёнгари он аст, ки дар фаъолияти ҳунарии Ҷўрабеки Мурод буъдҳои гуногуни ҳунарӣ, адабӣ, илмӣ, сиёсӣ, равонӣ ва ахлоқӣ ба сурати синтез ба ҳам омадаанд ва ин як ҳодисаи нодир бояд ба шумор ояд.

Илова бар ин ҳама, дар барномаи консерти солҳои охири устод маъновиятгароӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Он чӣ дар мавриди ҳудшиносиву ҳудогоҳӣ, тааммуқписандӣ ва андешапарварӣ гуфта шуд, аз ҳамин мабда сарчашма мегирад. Ҳамчунин ў ба масъалаи ирфон, иртиботи инсону Ҳудованд, тавҳиди одам ва Офариддгор бештар мутаваҷҷеҳ шуда, хеле сурудҳои баланди ниёишӣ манзури шунавандагон намуд. Ин таснифҳо аксар офаридаи ҳуди эшон аст ва ҳамчунон дар равиши оҳангҳои классикӣ суруда шудаанд ва гоҳо дар онҳо зарбу нола ва хитобҳои ҳамсоне ба овозхонии қаландармашрабона эҳсос мешавад. Сурудҳои «Ҳудойи ман», «Моро зи хоби ғафлат бедор кун, Ҳудоё», «Дар синаи ғамхори ман меҳри Ҳудо хуш омадӣ», «Мо дар ду ҷаҳон ғайри Ҳудо ёр надорем», «Эй дўст», «Шаҳри ишқ», «Девона шав» ва бисёр дигарро ном бурдан мумкин аст. Мўҳтаво ва лаҳну паёми ин сурудҳо аз наътҳонии одӣ тафовут дошта, бар ҳадиси «Ҳар кӣ ҳудро шинохт, ў Ҳудои хешро шинохтааст» бунёд ёфтаанд ва ба ин маънӣ орифона, ибратбахш, дилнишину муассир ва маъновиятсозу камолдиҳанда мебошанд.

Як риштаи муҳимми фаъолияти овозхонии устод Ҷўрабеки Муродро эҳё ва иҷрои сурудҳои классикии «Шашмақом» ташкил менамояд. Аслан сабки овозхонӣ ва эҷодии эшон бар усули иҷрои «Шашмақом» бунёд ёфтааст. Иҷрои «Шашмақом» кори содае нест, на танҳо овози пуртавон, хушҷило ва пуррангу равған, лаҳни чандпаҳлуро тақозо дорад, ки он ҳама ғанои оҳангиву овозӣ ва зеру бамҳои мураккаби ин асари бузург ва олиро фаро гирифта тавонад. Илова бар ин, шашмақомсароӣ саводи кофӣ дошторо аз илми адаб ва маъниии классикии он, ки маъновиятӣ комилро фароҳам меоварад, тақозо дорад. Чунонки рамзу рози шеъри классикӣ осон ба даст намедиҳад, пас зарур аст, ки омодагии хоссае дошта бошем, вагарна аз сари сабукборӣ аз он ба зудӣ даст мебардорем. Аммо барои ин ки чунин коре рух надиҳад, пас масъулияти мутахассису овозхонони «Шашмақом» баробари шунаванда бисёр бузург аст ва зиҳмати онҳое, ки ин мусиқии асилу мураккаби ҳирфаиро бо ҳунармандии тамом ба зеҳни шунаванда менишонанд, шоистаи тавсифу тақдир мебошад. Хидмату талошҳои устод Ҷўрабек дар қатори Барно Исҳоқова, Боймуҳаммад Ниёзов, Нериё Аминов, Мастона Эргашева ва дигарон сутуданист.

Устод Ҷўрабеки Мурод дар ин маврид мушахҳасан чанд кори назаррасеро анҷом додааст. Аввалан, ба воситаи сурудаҳои вай осори «Шашмақом» аз доираҳои танг ба рўйи саҳна омад, яъне акнун иҷрои он танҳо дар барномаҳои радио ва телевизион маҳдуд намемонд, балки як ҷузъи барномаи консертии ҳофизонро ташкил медод ва ба ин васила байни мардум мерафт. «Гулузорам», «Насри сегоҳ», «Бозургонӣ», «Ушшоқи Ҳофиз», «Муноҷот бо савтҳояш», «Ироқи Бухоро», «Чапандози Ироқи Бухоро», «Баёти панҷу шаш», «Танаввор», «Гиря», «Ушшоқи Содирхон», «Фирўз», «Қалъабандӣ» ва дигар оҳангҳои «Шашмақом»-у ба сабки классикӣ эҷодшуда дар иҷрои эшон умри дубора ёфтанд. Зиёда аз он, устод аксари ин сурудҳоро бо матнҳои нави ба оҳанг мувофиқ ва ба сабки хосае сурудааст, ки акнун бисёре аз ин сурудҳоро сароянда гони дигар бо ин шева иҷро менамоянд. Вай дар ин ҷода мисли устодони ҳунар Барно Исҳоқова ва Боймуҳаммад Ниёзов роҳкушо ва соҳибмактаб аст. Дар ҳамин маврид ёдовар шудан лозим аст, ки ҳофизи тавоно тавонист, ки хеле аз оҳангҳои классикӣ ва ё аз ҷониби устодони «Шашмақом» эҷодшударо ба мардуми тоҷик бо забони тоҷикӣ баргардонад. Масалан, оҳанги «Муноҷот» бар шеъри Туғрали Аҳрорӣ, «Бозургонӣ» бар шеъри Саъдӣ, «Танаввор» бар шеъри Мирзо Турсунзода ва бисёр дигар навоҳоро ном бар кардан мумкин аст, ки солҳо бо матни ўзбекӣ машҳур буданд ва бо ҳунари волои устод ҷони тозаи тоҷикӣ гирифтанд. Вай ҳуд дар равиши ромишгарии «Шашмақом» сурудҳо эҷод намудааст ва яке аз намунаҳои муваффақи ин эҷодкорӣ «Ушшоқи Душанбе» бар шеъри устод Лоиқ ба шумор меояд. Бомаврид аст ёдовар шавем, ки устод Ҷўрабек хеле аз шогирдонро тарбия кардааст, балки ба сифати раҳбари дастаи шашмақомсароёни «Нури Ҳуҷанд» барои ривоҷи ин ҳунари волои шашмақомсароӣ саҳми босазое мегирад.

Устод Ҷўрабеки Мурод дар интихоби шеър хеле саракор аст. Аввалан, ў ба ашъори баландмазмуни адибони классик ва муосир оҳанг мебандад. Ҳуд салиқаи кофии шеърфаҳмӣ дорад ва муҳимтар он аст, ки устод ба аҳли завқ, адибону олимони машҳур ҳамеша иртиботи эҷодӣ доштааст ва эшон барои вай намунаҳои шеърро гулчин кардааанд ва ё аз ашъори хеш ба эшон тақдим медоштанд. Дар ин миён устод Турсунзода, Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ, Абдуқодир Маниёзов, Гулназар ва бисёр дигар аз аҳли илму адабро ном бурдан мумкин аст, ки устод бо онҳо ҳамкорӣ дошта, матнҳои пурмаънӣ ва сараро тавассути онҳо интихоб ва ба оҳанг баставу ба иҷро расонидааст.

Ҷўрабеки Мурод ба эҷодиёти тамоми шуарои гузаштаву муосир таваҷҷўҳ зоҳир мекунад ва аз ашъори устод Рўдакӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Камоли Ҳуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Қасоб, Туғрали Аҳрорӣ, Тошҳоҷаи Асирӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Боқӣ Раҳимзода, Файзулло Ансорӣ, Аминҷон Шукуҳӣ, Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Саидалӣ Маъмур, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Озарахш, Сармад, Чумъа Қувват ва дигарон хеле сурудҳо эҷод кардааст. Аммо ба осори баъзе аз онҳо мисли устод Рўдакӣ, Мавлонои Рум, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Ҳуҷандӣ, Сайидо, Туғрали Аҳрорӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукўҳӣ, Лоиқ ва Фарзона таваҷҷуҳи хосса доштааст, зеро шеъри эшон ба дилу ҷони ў мувофиқат ва ҳамсадоии бештаре доштаанд.

Дар охир бояд қайд кард, ки овозхонӣ барои устод Ҷўрабек натанҳо истеъдоди ҳудодод, балки меҳнати шоққа ва ҷўяндагии доимист. Дар ин маврид ба он ҳама сифатҳои зикршуда ҳаминро бояд бояд илова кунем, ки эшон соҳиби овози пуртавон буда, бештари сурудҳо аз панҷ дақиқа боло ва хеле аз онҳо то даҳ-дувоздаҳ дақиқа имтидод доранд, ки ин ҳуд як хусусияти нодири овозхонии эшон мебошад. Ҷўрабеки Мурод дар ин амали ҳуд аз ҳеч гуна заҳмат рўй наметобад ва дар айни камолоти эҷодӣ низ аз пайи ҷустуҷўй ва навоварӣ мебошад. Вай дар назди тамошобин ва суннати фарҳанги овозхонии тоҷикӣ масъулияти бузургеро дарк менамояд ва аз ин рў ҳар барномаи консертии ҳудро ба тарзи нав ва бо сурудҳои асосан тозаэҷод ва ба руҳи вақту замон мувофиқ тартиб медиҳад. Устод имрўз дар остонаи 80-солагии мавлуд, дар айни камолоти ҳунарӣ мебошад. Мартабаву манзалати чунин, бузургмардеро донистан ва қадр намудан аз вазифаҳои виҷдониву ахлоқии ҷомеаи мо бояд ба шумор ояд.

Ба устод Ҷўрабеки Мурод – ҳунёгари нотакрор ва шаҳсутуни ҳунари овозхонии муосири тоҷик – таманнои онро дорем, ки ҳамеша сиҳатманду зиндагидўст бимонад ва барои рушду нумўи ҳунари тоҷикӣ ва таҳкиму тавсеаи ҳудшиносии миллӣ ва маъновии мардуми мо солҳои зиёде кору эҷоди самаранок ва бобароре анҷом дода бошад.

Абдухолиқи НАБАВӢ,
профессор, доктори фанҳои филологӣ.

Фарзонаи ХУҶАНДӢ

БУЛБУЛИ ФАРХУНДАНАФИР

(Ба устод Ҷўрабек МУРОД)

То садои ту дар ин шаҳр шакарафшон шуд,
Тўтиёнро хабар омад, ки шакар арзон шуд.

Осмон об шуд аз нағмаи довудии ту,
Барқ су-су заду абри қафасӣ борон шуд.

Шашмақомест дар ин замзамаи боронӣ,
Чунки асроркушои нағамоти ҷон шуд.

Бисаро, тоири боғи малакутӣ, бисаро,
В-арна дидӣ, ки замин пойгаҳи шайтон шуд.

В-арна дидӣ, ки ҳама бурд, вале ҳеч набохт,
Он ки дар мулки ҳунар роҳбари исён шуд.

Бисаро, то ки ҷаҳонро ба саодат шўянд,
Умри зулмат зи азони саҳарат поён шуд.

Тарки ин боғ магў, булбули фарҳунданафир,
Бисаро, субҳ шуд, офоқ фурўғистон шуд.

ИНСОН МЕТАВОНАД САД СОЛ ЗИНДАГӢ КУНАД,

— мегўяд табиби ҳозиқ Муллозуҳур Тоҳирӣ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Яъне, бино ба натичагирии Ибни Сино, ба чуз аҷал, имкони муолиҷаи ҳамаи беморихо будааст. Табиат мекунад моро табобат, мегўянд. Фикр мекунам, бо гиёҳҳои табиӣ метавон беморихои зиёдро муолиҷа кард. Гап дар сари пайдо кардан ва истеъмоли дурусти онҳост, ки ин кори сода нест. Лозим меояд, ки дар кўҳҳо фарозу нишеби зиёдеро пушти сар гузорӣ. Умуман, аҳли кўҳистон ҳамеша, дар ҳамаи давру замон ба гиёҳдармонӣ ҳусни таваҷҷўҳ доштаанд, гиёҳҳои кўҳиро сариваҳт ҷамъоварӣ карда, дар зарурат мавриди истифода қарор додаанд. Дар тўли умр бисёр гиёҳҳоро таҷриба кардаам. Имрўз гиёҳдармонӣ дар дунё доман густурдааст. Ҳаракат мекунам, ки кори пешрафтагонро дар ин бахш омўзам ва таҷриба кунам. Албатта, дар назди корномаҳои Ибни Сино корҳои мо дар ин бахш мисли зарраест дар назди офтоб, вале ковишу ҷустуҷўҳо бояд идома пайдо кунанд...

— Шумо беморонро, асосан, бо кадом усул муолиҷа мекунед?

— Ибни Синои бузург фармудааст: «Тиб бар се чиз: теғ, сухан ва гиёҳдармонӣ такя мекунад». Дар табобати беморон сеҳри сухан низ ҷойгоҳи ҳудро дорад. Бисёр дорухое, ки инҷониб аз гиёҳҳои гуногун омода кардаам, натиҷаи матлуб бахшидааанд.

— Чанд китобу мақола ба дасти чоп додаед, ки дар онҳо ба рақами сад ишора шудааст. «Чӣ хел то синни сад солиму бардам метавон зист?», «Сад дарду сад даво» аз он чумлаанд. Оё намешуд ба ҷойи рақами сад рақами дигаро овардан?

— Дарозумрӣ ба хоҳишу орзу низ вобаста аст. Мисол, инҷониб пеши ҳуд вазифа гузоштаам, ки бояд 150 сол умр бинам. Вале ман шояд ба 150 надароям, вале бо орзу эҳтимоли 100 сол ё бештар аз он зиндагӣ кардан ҳаст. Тандурустии инсон ба ҳаракати ҷисмонии ў иртиботи ногусастанӣ дорад. Табару дос ва каландро кор нафармоед, занг мезананд. Машқҳои ҷисмонӣ, арақшор кор кардан, гушна мондан аз омилҳои тандурустист. Ба қавли Ибни Сино бояд ғизои мо дору, доруи мо ғизо бошад. Омили дигари тандурустӣ ба маъной васеаш муҳаббат аст. Пўшида нест, ки дар оилаҳое, ки ишқу муҳаббат ҳокими мутлақ аст, ҳамсарон умри дароз мебинанд ва фарзандони солимро ба дунё меоранд. Хўроки сергизову бамеъёр низ ба тандурустии инсон мусоидат менамояд.

— Шунидаем, мегўянд, ки осоишгоҳе доред бо номи «Доктор Тоҳирӣ». Он дар кадом минтақаи Тоҷикистон ҷойгир шудааст?

— Осоишгоҳ дар зодгоҳи камина бо тарҳи зебои замонавӣ ва дорои тамоми шароити истироҳату муолиҷа бино ёфтааст. Баробари ба осоишгоҳ ворид шудан, кас аз табиати дилфиреб, боду ҳавои тозаву салқин, обҳои шаффофи ин мавзеъ хушҳол мегардад. Хўрокҳои лазиз бештар бо омехтаи гиёҳҳои хушбўй ва шифобахши кўҳӣ омода карда мешаванд.

Аз таърихи тиб маълум аст, ки Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ, Абумансур Муваффақи Ҳиравӣ, Алӣ ибни Раббонӣ ат-Табарӣ ва дигарон дар осори илмиашон табобат бо гиёҳҳои шифобахшро аз масъалаҳои рўзмарра ҳисобидааанд. Дар китоби муқаддаси «Авасто» аз 10000 намуди растании шифобахш, ки дар даврони қадим мавриди истифода қарор мегирифтаанд, ёд шудааст.

Дар осоишгоҳ инҷониб қабл аз ҳама ба мизоҷон маърифати ҳудтабобаткуниро меомўзем, ки муолиҷаро осон мегардонад. Бештар об нўшидан ва обшўй кардани рўдаҳоро тавсия медиҳем, ки аз усулҳои беҳтарини муолиҷа аст.

— То ҷое хабар дорем, ки Шумо дар шаҳрҳои Русия, Ўзбекистон ва дигар кишварҳо низ мизоҷони ҳудро доред, дар ҳузурашон доир ба тарзи ҳаёти солим баромад мекунед. Онҳо Шуморо даъват менамоянд ё ҳуд ба ҳузурашон меравед?

— Гоҳо даъват мекунанд, баъзан бино ба сабабе ба хориҷи кишвар равам, сеансҳои муолиҷавӣ мегузаронам. Гузаштагони мо «ихлосу халос» гуфтаанд. Боре шудааст, ки тавасссути телефон аз сеанси инҷониб як бемори лосанҷелисӣ шифо ёфт. Дар шаҳрҳои Маскав ва Санкт-Петербург бо иштироки беморони зиёд чанд сеансам баргузор шудааст. Сабаби даъвати такрории мизоҷон, албатта, аз сеанс ё гиёҳҳои инҷониб омодакарда ҳудро сабук ҳис кардани онҳост.

Номзади илмҳои тиб, шоир, «Беҳтарин табиби Русия дар соли 2002», «Беҳтарин табиби ҷаҳон дар соли 2004» Муллозуҳур Тоҳирӣ дар намоишгоҳҳои байналхалқӣ барои корҳои шоёнаш дар бахши гиёҳдармонӣ бо бисёр дипломҳо сарфароз гардонда шудааст.

Мусоҳиб
А. СУБҲОНОВ,
ҳабарнигори «Овози тоҷик».

Обуна – 2023

Қурбон Алиев – омўзгори фанни таърих аз мактаби рақами 9-уми тоҷикии ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё бо ҳасрат дарди дил кард...

«ЧӢ КОР КУНЕМ, КИ ТОҶИК БА ХУДАШ БАРГАРДАД?»...

– Рости гап, ҳеч намефаҳмам ба мардуми мо чӣ чине задааст! Ҳам хонандаҳо, ҳам падару модаронашон аз китоб дур шудаанд. Чанде пеш бо мушкилӣ се-чор китоби бадеӣ ёфта, ба шогирдонам тақсим карда додам. Хоҳиш намудам, ки китобҳои додаамро бо навбат хонда бароянд. Аз байн се моҳ гузашт, вақте ки аз мазмуни китобҳо пурсон шудам, ҳеч касе ёфт нашуд, ки ҷавоб диҳад. Ҳама об дар даҳон – менишастанд. Пурсидам, ки чаро нахондед? Ҷавоби ҳамаашон яке буд: «Забони китобҳо нофаҳмо, чизеро нафаҳмидем». Ба Худо, хашмгин шудам. Охир, одитарин китоби ҳикояҳоро дода будам, ғўлтарин тоҷик ҳам метавонад хонаду дарк кунад, вале инҳо...

Ин аҳвол доимо маро азият мекунад. Мебинам, ки дар ягон оила ва китоби бадеӣ ҳаст, на рўзнома. Касе ҳам барои харидан, обуна шудан майле наменкунад. Бояд гўям, ки ғайр аз синфҳои тоҷикии мактабамон мо синфҳои ўзбекӣ низ дорем, аммо он хонандаҳое ҳам, ки ўзбекӣ мехонанд, навад фоизашон тоҷиканд!

Наход ҳаммиллатони мо то ин ҷо расидааанд?! Инҳое, ки аз забони модарии ҳуд парҳез мекунанд, ба руҳу номи аҷдоди ҳуд иснод намеоваранд?! Чӣ кор кунем, ки тоҷик ба ҳудаш баргардад?...

***

Ростӣ, бо шунидани ин суханҳои дардомези Қурбон Алиев сахт руҳафтода шудам. Замоне ҳамон ноҳияи Сайҳунобод бо мактабҳои тоҷикӣ ва шогирдони пешгомаш ифтихор мекард. Ҳар як хонавода ҷевони китоб дошт, ба чандин рўзномаю маҷалла обуна мешуданд. Бо забони модарӣ равону бурро ҳарф задан ва ҳифзи ҳудшиносии миллиро барои ҳуд шараф, амри виҷдон ва номус медонистанд. Ҳоло бошад, вазъияти дигар ҳукмрон аст, ба гуфтаи Қ. Алиев "наход ки то инҷо расидааанд?".

Бо ин ҳама, ҳамзабонони азизу арҷманд, шумое, ки тоҷикони хунгарми кишварамон ҳастед, ҳудогоҳиро нодида нагиред, забону анъаноти миллиро ба фано насупоред, саъй намоед офтоби дурахшони тоҷи тоҷик доимо равшану тобон бимонад. Аз ҳар яки шумо – азизон даъват мекунем ба минбарҳои забони модариамон – рўзномаҳои "Овози тоҷик", "Ховар" ва маҷаллаи тозатаъсиси "Дурдонаи Шарқ" обуна шавед. Ҳадди ақал инҳо барои мо, чун манбаъи муфиди маърифатию фарҳангӣ хидмат ҳоҳанд кард, ба устувору зинда мондани забони модариамон, ки чандин ҳазор сол халқи мо, ҳастии мардуми мо, номусу нанги миллати моро ифода ва ҳифз кардааст, мусоидат ҳоҳанд намуд.

Минбарҳои забони модариамонро танҳо нагузоред!

Юнуси ИМОМНАЗАР,
узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1225. Адади нашр 4973 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.